ҒОЛИБИЯТИ НАВБАТИИ МУИН ҒАФУРОВ с. 15
ХОНАИ ТОҶИК ХАШМИ РУСҲОРО ОВАРД с. 7
КУМАКИ ТОҶИКИСТОН БА МАРДУМИ ҒАЗЗА с. 4



# ТОҶИКИСТОН

№4 (1618), 22.01.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




## ДАР ИН ШУМОРА:

**ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ**
Кӣ чӣ вазифа гирифт? с.2

**КЕЙКО ФУРУТА**
Сафири нави Ҷопон дар Тоҷикистон с.4

**ҲУШДОР**
Ду хатар ба Осиёи Марказӣ с.5

**ҲАҶ**
Талаби нави Арабистони Саудӣ с.6

**ТРАМП**
Поёни ҷанги Русияву Украина наздик аст? с.9

**СОРБОН:**
Навиштаҳои нашрношуда зиёд дорам... с.10

**БАЪДИ 26 СОЛ**
Роҳбари гурӯҳи ҷиноӣ равонаи зиндон шуд с.11

**КАНЗИ ШИФО**
10 зарари сари луч гаштан дар зимистон с.12



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маталибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маталиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маталиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

## Аз вазири нави меҳнат то ректорони муассисаҳои олӣ

**21-уми январ дар ҳайати роҳбарикунандаи Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи телевизион ва радио, агентиҳои хизмати давлатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, хадамоти иҷро, макотиби олӣ тағйироти кадрӣ сурат гирифт. Инак, бо роҳбарони навтаъин шинос шавед:**

**- Мирзозода Рустам Пираҳмад,** *раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Раҷабзода Муродалӣ Раҷаб,** *муовини якуми раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Холмаҳмадзода Солеха,** *вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Саидзода Носир Озод,** *раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Раҷабалӣ Раҳмоналӣ,** *раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Идрисзода Илёс Мумин,** *директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Ҳалимзода Абдураҳмон Дӯстӣ,** *директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Абдуллозода Аҳтам Рустам,** *сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Раҳматуллозода Саҳидод Раҳматулло,** *раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Шамсуддинзода Садриддин Зайниддин,** *директори Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина”;*

**- Зокирзода Маҳмадёқуб Раҷабалӣ,** *муовини аввали директори Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина”;*

**- Соҳибназари Муҳаммади Ғоиб,** *директори Муассисаи давлатии телевизиони “Ҷаҳоннамо”;*

**- Муҳиддинзода Нуриддин Давлаталӣ,** *ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;*

**- Иброҳимзода Амир Мудин,** *ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов;*

**- Ҷӯрахонзода Сироҷиддин Шамсулло,** *ректори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон;*

**- Шарифзода Лутфия Шариф,** *сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

**- Мализода Баҳром Ҳикмон,** *директори ҶСК «Пажӯҳишгоҳи илмӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии САНИИОСП».*



*Мирзозода Рустам Пираҳмад, раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ҲАМКОРИИ АМОНАТБОНК ВА БАТР ДАР САТҲИ НАВ

**Раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» Аличон Салимзода бо роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Холгер Вифел мулоқот кард.**

Ҷонибҳо зимни суҳбат таъкид доштаанд, ки Амонатбонк ва БАТР ҳамкориро дар сатҳи нав ба роҳ монда, дар нақша доранд, ки соли 2025 доираи фаъолияти молиявии муштаракро васеъ намоянд. Доир намудани дарсҳои молиявӣ оид ба баланд бардоштани савияи дониши молиявии мутахассисони бонк, гузаронидани амалиётҳои молиявӣ байни сохторҳои мухталифи бонкҳо ва “Дарҳои кушоди БАТР дар Амонатбонк” аз ҷумлаи чорабиниҳо дар соли равон мебошанд.

# САРИ САБЗ



**Зебунисо РУСТАМОВА, камонвари номвар**

**- Мисли он ки кӯдакон дар синфҳои ибтидоӣ ба зӯр, ё бо фиреб мактаб мераванд, ман ҳам моҳҳои аввали ба тамрини камонварӣ рафтанам, ҳамин гуна будам. Бисёр хаста мешудам. Ва пас аз як соли тамрин ин пешаро тарк кардам.**

*- Агар ки баъди ин пешаро як муддат тарк карданy баъдан боз рӯй овардан ба он дар чунин поя қарор доред, дар сурати бе фосила машғул шудан, доди камонвариро медодед.*



**Баҳром ИСМАТОВ, рассоми муосири тоҷик**

**- Ҳунармандон театр ва филмсозон хонаи синамо доранд, аммо рассомон аз чунин майдонҳо бархӯрдор нестанд. Мехоҳам, ки мо чунин минбарҳоро дошта бошем, то дар тавсеаи санъати Тоҷикистон такони тозае бахшанд.**

*- Орзуи чунин майдону минбарҳоро накунед, дӯсти азиз, онҳо илҳоми рассомонро мекушанд. Барои рассомон мавзеҳои аз ҳама хуб майдонҳои кушод ва домани кӯҳу саҳрову соҳили дарёҳо аст.*



**Мавзунаи ОРЗУ, блогери шинохта**

**- Ҳеҷ кас маро дастгирӣ накард ва ин як воқеият аст. Ман худам бо иродаи қавӣ ва тасмими дақиқ ба блогерӣ шурӯъ кардам. Воқеан, бисёри одамон на дар фикри пешрафти шахсони дигар ҳастанд, балки ҳар кас бештар барои худаш меандешад.**

*- Гумони бад накунед. Бисёр одамоне ҳастанд, ки пешрафти дигаронро ҳам мехоҳанд. Аммо шояд бо ин фикр дастгирӣ накардаанд, ки ҳама осон блогер шуда истодаанд ва барои блогерӣ кумаке лозим намеояд.*

# ИНТИХОБОТ 2025

# КИҲО БАРОИ КУРСИИ ПАРЛУМОН МУБОРИЗА МЕБАРАНД?



**16-уми январ марҳилаи пешбарии номзадҳо ба вакилӣ дар интихоботи парлумонӣ аз ҳавзаи ягонаи ҷумҳуриявӣ ва ҳавзаҳои якмандатӣ ба анҷом расид. Аз 7 ҳизби сиёсии Тоҷикистон дар интихоботи қарибулвуқӯъи парлумонӣ танҳо Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон (ҲСДТ) ширкат намекунад…**

## БЕ ҲИЗБИ СОТСИАЛ-ДЕМОКРАТ

Аз Кумитаи марказии интихобот ва раъйпурсии кишвар хабар медиҳанд, ки ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ номзадии 13 нафар аз Ҳизби аграрӣ (ҲАТ), 13 нафар аз Ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ (ҲИИТ), 4 нафар аз Ҳизби демократ (ҲДТ), 6 нафар аз Ҳизби сотсиалистӣ (ҲСТ), 6 нафар аз Ҳизби коммунистӣ (ҲКТ) ва 28 нафар аз Ҳизби халқии демократӣ (ҲХДТ) тасдиқ гардиданд.

Тавре ишора шуд, аз Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон ягон номзад ба интихоботи парлумонӣ пешниҳод нашудааст. Ҳизби мазкур пас аз он ки Қиёмиддин Азизов ба ҷойи Раҳматилло Зоиров раис интихоб шуд, фаъолияти назаррас надорад.

ҲДТ ҳам дар анҷумани худ 5 аъзои ҳизбро ҳамчун номзад пешниҳод кард, вале бо сабаби иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Нуробод таъйин шудани Фатхуддин Солеҳзода номзадии ӯ лағв шуд.

Ҳоло теъдоди нафароне, ки аз ҳавзаи якмандатӣ ҳамчун номзад дар интихоботи парлумонӣ ширкат мекунанд, дақиқ нест.

**Номзадҳои ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон аз ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ кистанд?**

## НОМЗАДҲОИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН:

1. **Шермуҳаммад Шоҳиён,** раиси Суди Олӣ
2. **Матробиён Саодатшо Қосимзода,** вакили Маҷлиси намояндагон
3. **Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ,** муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ
4. **Ғанизода Шухрат Абдулмаҷид,** сардори Раёсати ҳуқуқи ДИП ҶТ
5. **Исҳоқӣ Ҳусния Давлаталӣ,** муовини раиси ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ
6. **Идиев Аҳмад Махмудович,** муовини директори генералии Ширкати "Транс Таджик Газ"
7. **Имомова Нилуфар Махмаисуфовна,** муовини ректор оид ба тарбия дар ДМТ
8. **Набизода Тоҳир Толиб,** профессори Академияи идоракунии давлатӣ
9. **Мусоҷонзода Ҷамила Мансур,** мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур
10. **Ҷалолзода Миршакар Саид,** раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ш. Бӯстон
11. **Бобоиён Мадина Абдуяқинзода,** муовини раиси шаҳри Исфара
12. **Муродуллозода Дилноза Муродулло,** раиси ҷамоати деҳоти ба номи Н. Хусрав
13. **Абдулмаинзода Заррина Қадамшо,** муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оила
14. **Сафарзода Хуршед Ҳайдар,** директори Коллеҷи омӯзгории ш. Турсунзода
15. **Иброҳимзода Зафаршо Сафо,** директори Осорхонаи миллии Тоҷикистон
16. **Ғафорзода Ҷонона Ғафор,** декани факултети иктисод ва идораи ДДОТ
17. **Шодиён Исматулло Раҳматуллозод,** котиби ҳамоҳангсози Шӯрои ҷамъиятии ҶТ
18. **Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло,** раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар н. Фирдавсӣ
19. **Қодирзода Фарҳод Анвар,** профессори кафедраи иктисодиёти ҷаҳони ДМТ
20. **Қосимӣ Назокат Шералӣ,** раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи А. Ҷомӣ
21. **Каримзода Мирзоқосим,** раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд
22. **Неъматзода Насрулло Исматулло,** раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар н. Лахш
23. **Ҳомидиён Орзу Зубайдулло,** муовини раиси шаҳри Кӯлоб
24. **Усмонзода Аюб Ислом,** ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
25. **Суярова Сарвиноз Ҷумъаевна,** мудири кафедраи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
26. **Шарипова Фарангис Худоиевна,** директори Институти забон ва адабиёти АМИТ
27. **Азимзода Азимҷон Бахтиёр,** муовини раиси шаҳри Турсунзода
28. **Эшбуризода Бахриддин Эшбурӣ,** муовини раиси ноҳияи Ҷ. Балхӣ

## НОМЗАДҲОИ ҲИЗБИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН:

1. **Ғиёсиддин Ашӯрзода,** раиси ҳизб
2. **Сарвиноз Маҷидзода,** вакили кунунии Маҷлиси намояндагон
3. **Рустам Раҳматзода,** вакили кунунии Маҷлиси намояндагон
4. **Зафар Ализода,** вакили кунунии Маҷлиси намояндагон
5. **Раҳмон Даринг,** вакили кунунии Маҷлиси намояндагон
6. **Наима Солизода**, устоди Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон
7. **Эмомалӣ Изатуллозода,** мутахассиси ноҳиявии Данғара
8. **Ғоиб Фирӯз,** сармуҳаррири нашрияи "Навиди Кӯлоб"
9. Абдусалом Абдураҳмонзода, муовини раиси омори ноҳияи Шаҳринав
10. **Комилҷон Бобозода,** ходими пешбари илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
11. **Шаҳрбону Зубайдова**, омӯзгори мактаби №28-и шаҳри Душанбе
12. **Баҳром Шарифзода,** ходими илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
13. **Фарҳод Мусоев,** директори ҶДММ "Сафобахш-иншоот"

## НОМЗАДҲОИ ҲИЗБИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН:

1. **Рустам Латифзода,** вакили ҳозираи парлумон
2. **Фазлиддин Икромӣ,** вакили ҳозираи парлумон
3. **Бахтиёр Аҳмадзода,** вакили ҳозираи парлумон
4. **Неъматулло Холбойзода,** вакили ҳозираи парлумон
5. **Нуралӣ Ниязов**, директори генералии ҶСП «ТаадЭс»
6. **Бобоҷон Қодиров,** директори КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Деваштич
7. **Муродҷон Исоқов,** раиси Кумитаи муттаҳидаи иттифоқҳои касабаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд
8. **Мансур Усмонзода**, вакили ҳозираи парлумон
9. **Муҳайё Ҳотамова,** муаллими калони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
10. **Мирзоанвар Ахмедов,** вакили ҳозираи парлумон
11. **Одилҷон Абдуллозода,** мудири кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
12. **Сино Аюбов,** сардори Раёсати кишоварзии ноҳияи Рӯдакӣ
13. **Ҷилваи Шоназар,** сардори шуъбаи иттилоот, машварат ва татбиқи дастовардҳои илмии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

## НОМЗАДҲОИ ҲИЗБИ КОММУНИСТИ ТОҶИКИСТОН:

1. **Мехроҷ Абдуллоев,** раиси ҲКТ
2. **Инъомҷон Подшоев,** котиби дуюми Кумитаи ҲКТ дар вилояти Суғд
3. **Зарагул Мирасанова,** котиби дуюми Кумитаи марказии ҲКТ
4. **Отахон Ҳасанов,** котиби якуми Кумитаи ҲКТ дар шаҳри Душанбе
5. **Абдуҷаббор Умарзода,** вакили парлумон
6. **Ҳикматулло Ҳамидов,** раиси ҲКТ дар минтақаи Кӯлоб

## НОМЗАДҲОИ ҲИЗБИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН:

1. **Ғулом Ҳалимзода**, раиси ҲСТ
2. **Муртазо Аҳмадзода**, муовини якуми раиси ҲСТ
3. **Давлатхонум Саидошурова,** муовини раиси ҲСТ
4. **Мехринисо Раҷабова,** муовини раиси ҲСТ
5. **Маъруф Юсупов,** раиси ҲСТ дар вилояти Суғд
6. **Майсара Аброқулова,** муовини раиси ҲСТ дар шаҳри Душанбе

## НОМЗАДҲОИ ҲИЗБИ ДЕМОКРАТИ ТОҶИКИСТОН:

1. **Шаҳбози Аброр,** раиси ҲДТ
2. **Зуҳро Мирзоева,** муовини раиси ҲДТ
3. **Ҷаббор Юлдошев,** раиси ҲДТ дар Суғд
4. **Илёсиддин Саидҷахфаров,** раиси ҲДТ дар минтақаи Рашт

## БАРОИ 63 КУРСӢ

Ёдовар мешавем, ки интихоботи парлумонӣ дар Тоҷикистон рӯзи 2-юми марти соли 2025 баргузор мегардад. Номзадҳо аз 6 ҳизби сиёсӣ барои 63 курсӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон мубориза мебаранд.

## “Русатом” дар Эрон неругоҳи атомӣ месозад



**Ширкати атомии “Русатом” эълон кард, ки бо мақомоти эронӣ дар ҳоли музокира барои сохтани неругоҳи атомии ҷадид дар Ҷумҳурии Исломии Эрон аст.**

Раиси ширкати “Русатом” Алексей Лихачёв таъкид намуд, ки Русия ва Эрон ҳадаф доранд ҳамкориҳоро дар заминаи сохт ва роҳандозии неругоҳҳои кӯчак ва бузурги атомӣ густариш диҳанд. Вай афзуд, ки музокирот дар бораи сохтани як неругоҳи атомии бузурги дигар дар Эрон ба зудӣ оғоз хоҳад шуд.

Раиси ширкати “Русатом” таъкид кард, ки воҳиди нахустин неругоҳи атомии Бушеҳр, ки Русия месозад, амалиётӣ шудааст. Ба рағми таҳрим ва фишорҳои Аврупо воҳиди дувум ва сеюми ин неругоҳи атомӣ дар ҳоли сохт аст. Аввалин воҳиди неругоҳи атомии Бушеҳр дар соли 2011 оғоз ба кор кард.

Интерфакс

## Интихоботи президентӣ дар Беларус



**Интихоботи президентии Беларус 26-уми январи соли 2025 таъйин шудааст. Ин тасмим рӯзи сешанбе дар ҷаласаи Палатаи намояндагони Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларус гирифта шуд.**

Тавре раиси Комиссияи марказии интихоботӣ (КМИ) Игор Карпенко иброз намуд, комиссия ба оғози маъракаи интихоботӣ оид ба интихоботи президенти ҷумҳурӣ омода аст. «Зимни гузаронидани маъракаи интихоботи президентӣ дар кори комиссияҳо тақрибан 60 ҳазор нафар иштирок мекунанд»,- шарҳ дод раиси Комиссияи марказии интихоботӣ.

Александр Лукашенко, президенти феълӣ низ дар сабқати интихоботӣ ширкат мекунад. Президенти Беларус ба мӯҳлати панҷ сол интихоб мешавад.

БЕЛТА

# ОТАШБАС МИЁНИ ИСРОИЛУ ФАЛАСТИН



**19-уми январ соати 11:15 дақиқа оташбас миёни Исроил ва Ҳамос бо озодии 3 асири исроилӣ ва 90 асири фаластинӣ оғоз шуд. Мардуми Исроил ва Фаластин эълони оташбасро бо хурсандӣ ва рақсу пойкӯбӣ пешвоз гирифтанд.**

Дар рӯзи аввали оташбас се зани исроилиро Салиби Сурх аз нерӯҳои Ҳамос пас гирифт ва ба мақомоти исроилӣ супурд. Исроил бошад, 90 фаластиниро, ки солҳои тӯлонӣ дар зиндонҳои Исроил зиндонӣ буданд, озод кард.

Зиндониёни озодшуда ба назди хонаводаҳои худ баргаштанд. Гурӯҳе аз фаластиниҳо бо шӯру хаяҷон интизори хонаводаҳои зиндонии худ буданд ва вақте наздиконашон аз зиндон озод шуданд, бо барафрохтани парчами Фаластин пойкӯбӣ намуданд.

Оташбас се марҳиларо дар бар мегирад. Дар ин се марҳила Исроил вазифадор аст, ки асирони фаластиниро озод намуда, марҳила ба марҳила нерӯҳои низомиашро аз минтақаи Ғазза берун оварад.

Бар ивази он Ҳамос вазифадор аст, ки ҳамаи асирони исроилиро озод намуда, ба хонаводаҳояшон баргардонад.

Дар наворҳое, ки шабакаҳои телевизионӣ пахш кардаанд, дида мешавад, ки сокинони Ғазза ба хонаҳои вайроншудаи худ бармегарданд. Аксари минтақаҳои Ғазза замини сӯхтаро мемонад. Хонаҳо вайрон шуда ва оворагони фаластинӣе, ки ба минтақаҳои маскунии худ баргаштаанд, мегӯянд аз хонаҳояшон ҳеҷ нишоне боқӣ намондааст.

Бар асоси мувофиқатномаи оташбас миёни Исроил ва Ҳамос бар ивази озодии як зиндонии исроилӣ 30 нафар зиндонии фаластинӣ бояд озод шавад. Дар марҳилаи аввали татбиқи мувофиқатномаи оташбас бар ивази 3 зиндонии исроилӣ 90 зиндонии фаластинӣ озод гардиданд. Дар марҳилаи аввали оташбас қарор аст, ки бар ивази 33 асири исроилӣ 1900 нафар фаластинӣ аз зиндон озод шаванд.

Ҳамчунин, ворид шудани 600 камаз маводи аввалия ба навори Ғазза дар ибтидои оғози оташбас сурат гирифт. Нозирони оташбас ба Исроил фишор ворид мекунанд, ки вуруди кумакҳои башардӯстона ба минтақаи Ғазза бештар сурат бигирад.

Чанде қабл аз оғози оташбас мудири Барномаи ғизои Созмони Милали Муттаҳид гуфта буд, ки бо шурӯъи раванди оташбас рӯзона 600 мошин кумакҳои башардӯстона ба дохили минтақаи Ғазза хоҳад фиристод. Мудири Барномаи ғизои Созмони Милали Муттаҳид таъкид кард, ки 2 миллиону 200 ҳазор фаластинии овора дар минтақаи Ғазза ба кумакҳои аввалия ниёз доранд.



Кейко Фурута

## - САФИРИ НАВИ ҶОПОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**Муовини якуми вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Исматулло Насредин нусхаи эътимодномаи сафири навтаъйини Ҷопон дар Тоҷикистон хонум Кейко Фурутаро қабул кард.**

Бино ба иттилои ВКХ, Исматулло Насредин сафири Ҷопонро ба муносибати таъйинот ба ин вазифа табрик намуда, ба ӯ дар амалӣ намудани рисолати дипломатиаш дар Тоҷикистон комёбиву муваффақият таманно намуд.

Сафири нави Ҷопон дар Тоҷикистон Хонум Фурута Кейко соли 1986 Донишгоҳи хориҷаи Токиоро хатм карда, фаъолияти кориашро дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷопон оғоз кард. Хонум Фурута бо забонҳои русӣ ва англисӣ озодона ҳарф мезанад.

Фаъолияти дипломатии ӯ соли 1998 ба ҳайси котиби дуюми Сафорати Ҷопон дар Дания оғоз шудааст. Пас аз се сол ба вазифаи муовини консули генералӣ дар Хабаровски Русия таъйин гардид. Сипас, дар намояндагиҳои дипломатии Ҷопон дар Зеландияи Нав ва Словения кор карда, дар Вазорати корҳои хориҷии кишвараш масъули рушди муносибатҳои Русияву Ҷопон ва мушовири Сафорати Ҷопон дар Маскав буд.

Хонум Кейко Фурута то таъин шудан ба вазифаи сафири Ҷопон дар Тоҷикистон консули генералии Ҷопон дар вилояти Хабаровски Русия будааст.

# КУМАКИ ТОҶИКИСТОН БА МАРДУМИ ҒАЗЗА

**Тоҷикистон дар баробари чанд кишвари дигар барои мардуми Ғазза 200 тонна орди гандумӣ ҳамчун кумаки башардӯстона фиристодааст. Дар ин бора Вазорати корҳои хориҷии кишвар хабар медиҳад.**

Гуфта мешавад, ки кумак дар доираи иқдоми башардӯстонаи якчанд давлати узви Созмони исломии амнияти озуқаворӣ (IOFS) бо мақсади бартарафсозии мушкилоти шадиди норасоии ғизо дар Ғазза ирсол гардидааст. Интизор меравад, ки корвони кумаки башардӯстона давоми ду рӯзи оянда ба гузаргоҳи сарҳади Карам Абу Салам расад.

Қарор аст ин кумак, ки барои бартараф кардани камбуди ғизои тақрибан 8 ҳазор оила пешбинӣ шудааст, аз тарафи Барномаи



ҷаҳонии озуқаи СММ ва дигар ниҳодҳои ин созмон тақсим карда шавад.

Ёдовар мешавем, ки қаблан дар Тоҷикистон барои ёрӣ ба аҳолии осебдидаи Ғазза суратҳисоби ягона кушода шуда буд.

Ҳушдор

# ДУ ТАҲДИД БА АМНИЯТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ



Бахтиёр ҲАМДАМОВ,
коршиноси масоили сиёсӣ






## 1. "ТУРОНИ БУЗУРГ"

Ба қаламрави Турони таърихӣ дар аҳди қадим аслан марзи кишварҳое мисли Ӯзбекистон, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркманистон, қисми шимоли Афғонистон ва Покистон, ки бо забони форсӣ ҳарф мезаданд, шомил буданд. Қаламрави мазкур мутааллиқ ба тамаддуни Суғду Бохтар ва Кӯшониён буд. Вале Туркия ба хотири роҳандозии тарҳи фитнаангез ва таъсис додани як иттиҳоди туркӣ, ки зоҳиран ба тамаддуни болозикр ҳеҷ ҳамоҳангӣ надорад, тамоми сарчашмаҳои таърихиро зери по намуда, имрӯз ин номи қадимаро ба манофеи худ мавриди истифода қарор додааст.

Ин тарҳ асосан барои ноором кардани вазъи кишварҳои ҳавзаи Осиёи Миёна ва ба чолиш кашидани мамолике мисли Русия, Чин ва Эрон роҳандозӣ шудааст ва дер ё зуд хатман аксуламалеро пиёда хоҳад кард.

Вале мутаассифона... Кишварҳои Осиёи Миёна ба ҷои он, ки ҳадафҳои аслии корсозони ин саҳнаро таҳқиқ кунанд ва хатарҳо ва таҳдидҳои таъсис ёфтани чунин созмонро мавриди баррасӣ қарор диҳанд, ки аслан ба манфиати онҳо низ нест, баръакс фаротар рафтанд ва беш аз пеш ба коми ин фитна кашида мешаванд. Дар давоми ду соли ахир "Иттиҳоди Давлатҳои Туркзабон" дар ҳамоишҳои худ қарордодҳоеро дар самти таъсиси парчами ягона, наздик кардани забон ва ҳуруфот, бастани паймонҳои ҳарбӣ ва мисли ин ба тасвиб расониданд, ки барои баъзе кишварҳои абарқудрати минтақа, ки дар боло зикрашон рафт, комилан "писанд" нест.

Ин пуружа марҳилаи аввал аст ва аслан аз ҷониби кишварҳои ғарб бо ихтисос додани маблағҳои зиёд тарҳрезӣ шудааст. Тарроҳони ин пуружа медонанд, ки ҳанӯз ба таври рӯшод ангеза додани он алайҳи кишварҳое мисли Русия, Чин ва Эрон, ки аз лиҳози иқтидори ҳарбӣ тавоноанд, шикастпазир хоҳад буд, вале ноором кардани вазъи кишварҳои Осиёи Миёна метавонад ин се давлатро дар ин минтақа побанд кунад ва дар дигар самтҳо, бахусус Ховари наздик ва миёна, таъсири онҳоро коҳиш диҳад.

## 2. "КУРРАИ ТОЛИБОН"

Омилони ин тарҳ, ки ба Толибон низ таъсиргузоранд, инак марҳилаи дувуми ин низоъро, ки метавонад кишварҳои Осиёи Марказиро ба коми худ кашад, тарҳрезӣ мекунанд. Чанде қабл, шаҳрдории Кобул зери назорат ва иҷозаи Толибон дар чаҳорроҳи "Даҳанаи боғи" Кобул як тарҳи "Курраи замин"-ро, ки ду тонна вазн ва 5 метр баландӣ дошт, рӯнамоӣ карданд, ки дар он сарҳади "Аморати Исломии Афғонистон" вокунишҳои зиёдеро ба ҳамроҳ дошт. Рӯнамоии ин курра (глобус), ки дар он Афғонистон бузургтар аз марзҳои воқеии он муаррифӣ гардидааст, аз ҷониби коршиносони минтақа ва расонаҳо ба унвони "бехабарӣ ва ҷаҳли мутлақи шаҳрдорӣ" маънидод шуд. Дар нақша (харита)-и нави Афғонистон қисми зиёди қаламрави кишварҳои Осиёи Миёна ба он ворид шуда, сарҳади Афғонистон то ба Қазоқистон мерасад. Инчунин бахши азиме аз марзҳои Покистон ва Эрон ба ин нақша шомил шудаанд.

Ин ҷо суоле матраҳ аст. Оё дар маркази Кобул бо иҷозаи Толибон гузоштани ин курра танҳо аз "бехабарӣ ва ҷаҳли мутлақи шаҳрдорӣ" дарак медиҳад ва ё идомаи нақшаҳои кишварҳои манфиатдори ғарб аст, ки ҳамоҳанг бо тарҳи "Турони бузург" кишварҳои ноогоҳи минтақаро ба чолишҳои хунин мекашанд?

Агар ба харитаҳои зер дақиқан таваҷҷуҳ шавад, дар нақшаи "Турони бузург" вилоёти туркнишини Афғонистон ба он шомил шудааст ва дар навбати худ дар нақшаи ҷадиди "Аморати исломии Афғонистон" манотиқи тоҷикнишин ва туркнишини кишварҳои Осиёи Миёна ба он ворид мешаванд. Ин даъвоҳо яқин, ки паёмади хуб надоранд...

Гузашта аз ин, имкон дорад баъдтар тарҳи бозофарии "Хуросони Бузург" низ ба кор гирифта шавад, ки орзуи созмони террористии Давлати Исломии Хуросон (қаноти ДОИШ) аст ва агар пеши он гирифта нашавад, эҳтимол дорад фитнаи бузургтареро дар минтақа замина гузорад.

Хеле хуб мешуд марказҳои тадқиқотӣ, коршиносон ва сиёсатшиносони кишварҳои Осиёи Миёна ба таври холисона ба ин масъала таваҷҷуҳ намоянд ва аз пешомади як хатари бузург ҳукуматҳои худро хушдор диҳанд, то дар оянда ба майдони ҷангҳои ниёбатӣ кашида нашаванд...

## РЕЗААХБОР

Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон дар робита ба ҷон бохтан ва зарар дидани даҳҳо нафар бар асари сӯхтор дар меҳмонхонаи осоишгоҳи Карталкая, дар вилояти Болуи Туркия ба Раҷаб Тайиб Эрдуғон, раисҷумҳури ин кишвар номаи таслият равон кардааст.

Сӯхтор шаби 21-уми январ рух дода, теъдоди қурбониён ба 76 нафар расидааст.

***

Рӯзҳои охир дар шабакаҳои иҷтимоӣ тавсияномае аз номи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон оид ба хуруҷи варианти нави коронавируси COVID-Omicron XBB чарх мезанад. Вазорати тандурустӣ ин хабарҳоро "фейк" хонда, эълон кардааст, ки вируси мазкур дар Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудааст.

***

Нишастҳои матбуотии солона дар вазорату идора ва кумитаву оҷонсиҳои Тоҷикистон рӯзи 27-уми январ оғоз шуда, то 14-уми феврал давом меёбанд. Дар ин нишастҳо қарор аст роҳбарони ниҳодҳои Тоҷикистон ба хабарнигорон дар бораи натиҷаҳои фаъолияти соли 2024 маълумот диҳанд.

***

Вазири иқтисод ва савдои Тоҷикистон гуфт, ки дар соли 2025 суръати рушди иқтисоди кишвар дар сатҳи на кам аз 8 фоиз пешбинӣ шудааст. Ба гуфтаи Завқӣ Завқизода, дар соли 2024-ум ҳаҷми ММД ба 153,4 млрд сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд.

***

Думаи давлатии Русия Созишнома дар бораи сохтмони Театри ба номи Маяковскийро дар Душанбе тасдиқ кард. Дар доираи ин санад Русия сохтмони биноро барои 500 тамошобин дар пойтахти Тоҷикистон таъмин мекунад.

***

Нишасти сарони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил рӯзи 10-уми октябри соли 2025 дар Душанбе баргузор мешавад. Дар ин бора сардори Раёсати ИДМ-и Вазорати корҳои хориҷӣ, ҳамоҳангсози миллии Тоҷикистон дар умури СҲШ Аҳмад Саидмуродзода хабар дод. Вай ҳамчунин афзуд, ки 5-уми июн дар пойтахти Тоҷикистон нишасти сарони ҳукуматҳои кишварҳои узви ИДМ баргузор мешавад.

# ЛАҶОМИ ҚИМОРБОЗОНРО КӢ МЕКАШАД?






**Ҳарчанд қаблан ҳам сокинони шаҳри Панҷакент аз “алик-малик”-бозони назди бозори калони шаҳр шикоят карда буданд, вале то ҳол масъулон пеши роҳи ин фиребгаронро нагирифтаанд.**

Имрӯз низ мо зимни сафар ба шаҳри Панҷакент бо 5 нафар аз ин “алик-маликбозон”-и назди бозор во хӯрдем. Як нафари онҳо бо ин бозӣ машғул асту чор нафари дигар - се марду як зан барои ҷалби мардум аз номи мардум гӯё бозӣ доранд.

Ман аз мардум хоҳиш кардам, ки бозӣ накунанд, вале “алик-маликбозон”-и назди ин бозор посух доданд, ки “кори худро дон!”. Дар посух гуфтам, ки ин бозӣ тибқи қонун мумкин нест, вале онҳо мегӯянд “кадом қонун? Аз рӯи асоси кадом қонун ба мо гап мезанӣ?

Дар ягон қонун манъ нашудааст. Касеро хоҳӣ, биёр, мо гап мезанем. Тӯли 20 сол аст мо дар инҷо кор мекунем. Чӣ кор аз дасташон меояд? Боздошт кунанд ҳам, танҳо 160 сомонӣ ҷарима мекунанд. Мо боз корамонро идома медиҳем. Беҳуда худатро ташвиш надеҳ. Ба касе лозим шавад, мо сухбат мекунем. Ту мардакӣ, ба ин чизҳо сарукор нагир”.

Мо умедворем, ки масъулони ин шаҳр ин бор бо ҷиддият ба мавзӯи мазкур муносибат хоҳанд кард.

**Меҳроншоҳ Усмонзода, ш. Панҷакент**

Панди рӯзгор

# ОҲИ ДИЛИ МОДАР

**Зану шавҳари 40-сола модари шавҳар - кампири 79-соларо ба зораю таваллояш нигоҳ накарда, бурда дар хонаи бепарасторон партофтанд.**



Ҳафт сол гузашт. Боре кампирро хабар нагирифтанд. Дар ин муддат ду писари хонадон дар садамаи наклиётӣ, духтари бемории саратонашон зери теғи ҷарроҳӣ ҷон бохтанд. Ахиран писари хурдӣ ҳам нашъаманду оқибат зиндонӣ шуд ва дере нагузашта хабари маргаш омад.

Зану шавҳари қариб 50-сола пири 100-соларо мемонданд. Тақдири Худовандро бинед, ки зан ҳам ба мушкилиҳои рӯзгор тоб наоварда, бемор шуду аз олам даргузашт. Мард танҳо монд...

Тасаввур ҳам намекунед, ки барои ин хонавода кӣ месӯзад? Модари 87-сола, ки ҳанӯз дар хонаи пиронсолон аст. Ӯ ҳамарӯза ба даргоҳи Худованд нолаву зорӣ мекунад, ки писари ягонааш аз кулфатҳои рӯзгор дур бошад...

Ин қисса, ки ба шумо нақл кардам, маҳсули тахайюл нест. Балки воқеиятест, ки чанд рӯз пеш шунидам. Қазоват аз шумост.

**Нурулло ҲАСАНОВ, рӯзноманигор**

**Арабистони Саудӣ шурӯъ аз 1-уми феврали соли равон аз ҳамаи мусофироне, ки вориди ин кишвар мешаванд, гувоҳномаи эмгузаронӣ бар зидди бемории илтиҳоби пардаҳои майна ё менингит талаб мекунад.**

Ёдовар мешавем, ки аз Тоҷикистон аксаран зоирон ба Арабистони Саудӣ сафар мекунанд. Тибқи иттилои Вазорати тандурустии ин кишвар ин талабот ба ҳамаи мусофирони аз 2-сола боло, аз ҷумла ба зоироне, ки барои адои Ҳаҷ ва Умра ба Арабистони Саудӣ мераванд, дахл дорад.



# ТАЛАБОТИ НАВИ АРАБИСТОНИ САУДӢ БА ЗОИРОН

Ба гуфтаи манбаъ, мусофирон бояд ваксинаи чорҷузъии “Neisseria” гиранд ва гувоҳномаи эмгузарониро то 10 рӯз пеш аз сафар ба даст оранд.

Гуфта мешавад, ки ин тадбир барои таъмини бехатарии саломатӣ ва пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ ҷорӣ шудааст.

Ёдовар мешавем, ки илтиҳоби пардаҳои майна (менингит) бемории илтиҳоби пардаҳои мағзи сар ва ҳароммағз мебошад. Менингит метавонад боиси фавт гардад ва табобати фавриро талаб мекунад. Бактерияҳо, вирусҳо, замбурӯғҳо ва паразитҳои гуногун метавонанд омили ин беморӣ бошанд. Аксари вақт он метавонад аз як шахс ба шахси дигар сироят кунад. Ба ин беморӣ шахсони синну соли гуногун метавонанд мубтало шаванд.

Бояд гуфт, ки ҳамасола аз Тоҷикистон садҳо нафар барои адои Ҳаҷи фарзӣ ва Умра ба Арабистони Саудӣ мераванд.

# КӮДАКОН БАЪДИ МУОЛИҶА АЗ ЧИН БАРГАШТАНД



**Даҳ кӯдак аз Тоҷикистон пас аз ҷарроҳии нуқси модарзодии дил дар Чин ба Ватан баргаштанд.**

Дар ин бора аз Сафорати Чин дар Тоҷикистон ба Pressa.tj хабар дода, гуфтанд, ки шаш нафари онҳо ҷарроҳӣ шуда, 4 нафари дигар бинобар эҳтиёҷ надоштан ба ҷарроҳӣ табобат гирифтаанд.

Ба гуфтаи манбаъ, ҷарроҳии кӯдакон дар беморхонаи сеюми халқии ноҳияи Синтсян-Уйғури Чин гузаронида шудааст.

Гуфта мешавад, табобати кӯдакон дар доираи барномаи ҳамкории тиббӣ байни Тоҷикистон ва Чин, ки ба кумаки кӯдакони гирифтори бемориҳои дил равона шудааст, сурат гирифтааст.

Ин барнома моҳи июни соли 2024 қабул гардида, моҳи ноябр мутахассисони чинӣ дар Душанбе ташхис ва санҷиши тиббиро анҷом дода, аз рӯйи дараҷаи хавфнокии аломатҳои беморӣ кӯдакони дорои бемориҳои дилро интихоб карда буданд.

# 400 ҲАЗОР ДОЛЛАР КУМАК БА 35 ҲАЗОР НИЁЗМАНД

**Арабистони Саудӣ ба 35 ҳазор сокини ниёзманди Тоҷикистон ба арзиши 400 ҳазор доллар кумаки башардӯстона мерасонад.**



Дар ин бора аз Сафорати Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон иттилоъ дода, гуфтанд, ки ин кумакҳо дар арафаи моҳи Рамазон аз ҷониби Маркази имдод ва корҳои башардӯстонаи Шоҳ Салмон тақдим хоҳад шуд.

Гуфта мешавад, ин марказ дар доираи лоиҳаи башардӯстонаи “Сабади озуқаворӣ - 2025” 7120 бастаи озуқаворӣ, ки вазни ҳар яке тақрибан 70 кг аст, тақдим мекунад. Дар ҳар баста орд, равғани растанӣ, шакар, биринҷ, лӯбиё ва дигар маҳсулоти асосии озуқаворӣ мавҷуд буда, ғизои як оилаи панҷнафараро барои як моҳ таъмин мекунад.

Манбаъ афзуд, ки вазни умумии озуқавории бастаҳо зиёда аз 490 тоннаро ташкил медиҳад.

Гуфта мешавад, интихоби нафароне, ки ин кумакро мегиранд, бо ҳамкории Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар анҷом дода мешавад.



# ХОНАИ ТОҶИК ХАШМИ РУСҲОРО ОВАРД

**Тақдими калиди хона ба як оилаи серфарзанди тоҷик аз ҷониби шаҳрдори Митиши боиси хашми русҳо, аз ҷумла вакилони Думаи давлатӣ ва мақомоти ин кишвар шуд...**

## ХОНА БА ОИЛАИ ТОҶИК

Воқеа аз он оғоз шуд, ки рӯзи 13-уми январи соли равон Юлия Купетская, раиси ноҳияи Митиши дар саҳифааш дар Телеграм хабар дод, ки ба оилаи серфарзанди Таҳмина Самадова ва Рамазон Раҳимов шаҳодатнома барои гирифтани манзил дода шуд.

Дар ин хабар гуфта мешуд, ки ин оила 7 кӯдак, аз ҷумла се духтару чаҳор писарро ба воя мерасонанд.

Хона ба оилаи тоҷик дар доираи барномаи давлатии дастгирии оилаҳои серфарзанд дода шуд.

Гуфта мешавад, ки оилаи Таҳмина Самадова ва Рамазон Раҳимов 14 сол пеш ба Русия рафта, соҳиби шаҳрвандӣ шудаанд. Чор фарзанди онҳо дар Русия ба дунё омадаанд.

## 8 ҲАЗОР ДИЗЛАЙК

Пас аз нашри ин хабар корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ дар шарҳҳо ба ҳақорату таҳқири ин хонавода оғоз карданд. Масъулини ноҳияи Митиши маҷбур шуданд, ки шарҳҳои зери навиштаро банданд. Вале ин ҳам русҳоро ором нагузошт. Беш аз 8 ҳазор нафар бо гузоштани рамзи дизлайк (номаъқул) норозигии худро ба соҳиби хона шудани оилаи тоҷик баён карданд.

Бархе аз русҳои фаъол дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо дизлайк қонеъ нашуда, зери навиштаҳои дигари раиси ноҳияи Митиши Юлия Купетская шарҳҳои қабеҳ навишта, ӯро ҷинояткор арзёбӣ намуданд ва ҳатто истеъфои ӯро талаб карданд.



## ДАР ХАТИ ПЕШИ ҶАНГ

Пас аз як рӯзи нашри соҳиби хона шудани оилаи тоҷик ва бархӯрди шадиди корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ масъулини шаҳри Митиши ба корбарони хашмгин посухи расмӣ доданд.

Дар изҳороти расмӣ омадааст: “Бар асоси қонун, Русия давлати сермиллат аст ва дар он ҳуқуқи одамон дар авлавият қарор дорад. Таҳмина 14 сол боз бо шавҳар ва фарзандону модараш дар Митиши зиндагӣ мекунад ва ҳамаи онҳо шаҳрванди Русия ҳастанд. Волидони ин зан омӯзгорони соҳибэҳтироманд ва 40 сол боз дар соҳаи маориф кор мекунанд. Худи Таҳмина ба корҳои хайр машғул аст ва дар корҳои иҷтимоии шаҳр фаъолона ширкат мекунад. Фарзандони вай хонандаҳои хубанд ва бо хоксорӣ ва рафтори хубашон фарқ мекунанд”.

"Махсус таъкид мекунам, ки ду бародари Таҳмина дар хати пеши ҷанг қарор дошта, ҷароҳати вазнин бардоштаанд ва бо мукофотҳои олии давлатӣ ва нишони “Шуҷоат” мукофотонида шуданд”,- гуфта шудааст дар изҳороти расмӣ.

## ИНТИҚОДИ МИРОНОВ ВА АМРИ БАСТРИКИН

Вале изҳороти расмии мақомоти Митиши, 14 сол шаҳрванди Русия будани оилаи тоҷик, дар хати пеши ҷанг қарор доштани ду нафар узви ин хонавода низ ин бахсро хомӯш накард, балки ба сатҳи боло бурд ва ҳатто ин масъала дар Думаи давлатӣ баррасӣ шуд.

Сергей Миронов, раиси ҳизби “Русияи боадолат” ва вакили Думаи давлатӣ ахиран даъват кард, ки қонунӣ будани тасмими мақомоти Митиши дар мавриди пешниҳоди хона ба оилаи тоҷик санҷида шавад. Ӯ ҳамчунин талаб кард, ки ин хонавода аз Русия ронда шаванд.



Вакили дигари рус Михаил Делягин ҳам ба ин масъала таваҷҷуҳ кардааст.

Масъалаи хона додан ба оилаи муҳоҷири тоҷик аз таваҷҷуҳи раиси Кумитаи тафтишотии Русия Александр Бастрикин низ дур намонд. Ӯ дастур додааст, ки қазияи тақдими хона ба як оилаи серфарзанди тоҷик дар шаҳри Митиши санҷида шавад. Бастрикин рӯзи 20-уми январ талаб кардааст, ки қонунӣ будани тартиби тақсими хона дар вилояти Маскав таҳқиқ шавад...

## ЧӢ МЕШАВАД?

Қазияи тақдими хона ба муҳоҷири тоҷик ва бархӯрди шадиди корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ва сиёсатмадорони русро коршиносон идомаи падидаи тоҷикбадбинӣ дар Русия арзёбӣ мекунанд, ки пас аз қазияи “Крокус” авҷ гирифт.

Ҳоло маълум нест, ки сарнавишти оилаи тоҷик дар Митиши чӣ мешавад. Мавқеи ҳамсарон Рамазон Раҳимов ва Таҳмина Самадова низ рӯшан нест. Ин ҳамсарон баъди интиқодҳо ва таҳқиру дашномҳо саҳифаҳои худро аз шабакаҳои иҷтимоӣ пок карданд. Вале бахси хонаи онҳо ҳанӯз идома дорад. Баъзеҳо ҳатто аз саҳифаҳои интернетӣ акси Рамазон Раҳимовро аз адои маросими Ҳаҷ нашр карда, гуфтаанд, ки ин далели он аст, ки хонавода ниёзманд нест.

**Д.Қодирпур**




**ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР СОЛИ 2025 ОЗМУНИ "ТОҶИКОНИ САРБАЛАНД"-РО ЭЪЛОН МЕКУНАД!**

**Ҳадафи озмун:** Расонаҳои ҷаҳонӣ солҳои охир бештар дар бораи амалҳои манфии тоҷикон, аз ҷумла ҷинояту терроризм хабар медиҳанд, ки ин ба обрӯ ва симои миллат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки мо набояд чеҳраҳои муваффақи тоҷиконро, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолиятҳои назаррас доранд, фаромӯш кунем.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** ҳадаф дорад, ки тоҷикони муваффақро дар соҳаҳои гуногун - илм, фарҳанг, варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳо муаррифӣ намуда, барои ҷавонон намунаҳои ибрат нишон диҳад.

Озмуни **“Тоҷикони сарбаланд”** аз 1-уми январи соли 2025 оғоз шуда, то 25-уми декабри соли 2025 идома меёбад.

**Шарти иштирок:**

- Маводҳо бояд дар бораи тоҷиконе бошад, ки дар хориҷи кишвар муваффақ шудаанд.
- Маводҳо бояд ҳаёти шахсони номбурда, роҳҳои муваффақият ва саҳми онҳоро дар соҳаи фаъолияти худ ба таври фарогир инъикос намоянд.
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад аз як то се мавод пешниҳод кунад.
- Маводҳо дар қолаби мақола, мусоҳиба, очерк ва лавҳа қабул карда мешаванд.
- Омодасозии як маҷмӯа аз маводҳои беҳтарин дар шакли китоб ва видео.

Ғолиби озмун бо мукофоти пулӣ ва **Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода** қадрдонӣ мешавад.

**МАТОЛИБИ ОЗМУН ДАР ШАКЛИ КИТОБ НАШР ХОҲАНД ШУД.**

# ҚАРОРҲОИ ҶАДИДИ ПРЕЗИДЕНТ

**Доналд Трамп рӯзи 20-уми январ бори дуюм дар мақоми Президенти Амрико савганд ёд кард. Ин намояндаи Ҳизби ҷумҳурихоҳ ҷойгузини Ҷо Байден, президент аз Ҳизби демократ шуд.**

Байден, ки дар интихоботи соли 2020 Доналд Трампро мағлуб карда буд, дар нимаи интихоботи соли 2024 аз корзор берун рафт ва навбатро ба муовинаш Камала Ҳаррис дод. Трамп бар рақибаш ғолиб омад ва ба мақоми президенти Амрико баргашт.

Трамп пас аз савгандёдкунӣ дар суханроние гуфт, ки "даврони тиллоии Иёлоти Муттаҳида аз имрӯз оғоз мешавад. Аз имрӯз кишвари мо шукуфо хоҳад шуд ва мавриди эҳтироми ҷаҳониён қарор хоҳад гирифт. Иҷоза нахоҳем дод, ки аз мо сӯиистифода шавад".

**Трамп дарҳол пас аз савгандёдкунӣ қарорҳои ҷадид имзо кард, аз ҷумла:**

*- дар бораи бекор кардани 78 қарори Байден;*

*- дар бораи эътирофи Куба ҳамчун кишвари сарпарасти терроризм;*

*- дар бораи қатъи маблағгузорӣ ба кишварҳои дигар барои 90 рӯз;*

*- дар бораи баргардонидани ҳукми қатл дар сатҳи федералӣ;*

*- дар бораи террористӣ эълон кардани гурӯҳҳои нашъаҷаллоб;*

*- дар бораи авфи 1500 иштирокчии ҳамла ба Капитолия дар моҳи январи соли 2021;*

*- дар бораи табдили номи Халиҷи Мексика ба Халиҷи Амрико;*

*- дар бораи ҷорӣ кардани вазъияти изтирорӣ дар сарҳади ҷанубии ИМА ба далели муҳоҷирони ғайриқонунӣ;*

*- дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани мансабдорони маъмурияти Байден барои ифшои ғайриқонунии маълумоти махфӣ;*

*- дар бораи кори TikTok - соҳиб бояд 50% саҳмияҳоро фурӯшад;*

*- оид ба барқарорсозии озодии баён ва "ҷилавгирӣ аз сензураи давлатӣ".*

*- дар бораи сахттар кардани қонунҳои муҳоҷирати ИМА;*

*- дар бораи бекор кардани додани шаҳрвандӣ аз рӯи ҳуқуқи таваллуд.*




## ТОҶИКОНЕ, КИ ДАР МАРОСИМИ САВГАНДЁДКУНИИ ТРАМП ШИРКАТ КАРДАНД



### КУРСАНТИ АКАДЕМИЯИ ҲАРБИИ НЮ-ЙОРК

**Дар маросими савгандёдкунии президенти 47-уми Амрико Доналд Трамп дар қатори курсантҳои Академияи ҳарбии Ню-Йорк (NYMA) ҷавони тоҷик Фирдавс Аҳмадзода ҳам ширкат намуд.**

Қадамзании Фирдавс дар паради ҳарбӣ аз ҷониби шабакаи телевизиони CBN News сабт шудааст. Падари Фирдавс - рӯзноманигори тоҷик Умедҷон Аҳмадзода мегӯяд, ки писараш ба варзиши ҷудо машғул буда, феълан дар NYMA таҳсил мекунад. Хонаводаи онҳо соли 2021 соҳиби Green Card шуда, ба ИМА кӯчидаанд.

Мавриди зикр аст, ки Доналд Трамп низ аз 13-солагӣ то соли 1964 курсанти Академияи ҳарбии Ню-Йорк буд.



### ДОРАНДАИ МЕДАЛИ ТИЛЛОИ КОНГРЕСС

**Тоҷики дигаре, ки дар маросими савгандёдкунии Трамп ширкат кард, полиси тоҷиктабори амрикоӣ Далер Латифзода аст. Ӯ яке аз афсарони полис буд, ки дар таъмини амнияти ин маросими муҳим саҳм гузошт.**

Далерро ҳам яке аз шабакаҳои телевизионии Амрико сабт кардааст. Далер фарзанди бастакори маъруфи тоҷик Алишер Латифзода аст. Ин хонавода чанд сол аст, ки муқими ИМА ҳастанд. Далер соли 2021 бо гурӯҳи худ дар ошӯбҳои Капитолий корнома нишон дода, медали тиллоии Конгрессро соҳиб шудааст. Далер дар баробари кор дар полис варзишгар буда, дар муҳорибаҳои якҳарба Устоди варзиш мебошад. Ӯ ҳамчунин дар варзиши шпагат дар рӯйи курсӣ дар ҷаҳон рекорд гузоштааст.




# ҶАНГИ РУСИЯ ВА УКРАИНА КАЙ АНҶОМ МЕЁБАД?

**Яке аз ваъдаҳои асосии Доналд Трамп, президенти Амрико поёни ҷанги Русия ва Украина аст. Трамп дар корзори интихоботӣ ваъда дода буд, ки Амрико тахти роҳбарии ӯ кишвари сулҳофар хоҳад шуд. Ҳамчунин, ӯ борҳо ваъда дод, ки ҷанги Русия ва Украинаро хотима хоҳад дод.**

Доналд Трамп то ҳанӯз бо президенти Русия Владимир Путин суҳбат накардааст. Вале Кремл омодагии Путинро барои гуфтугӯ бо Трамп эълон кардааст.

Трамп қаблан гуфта буд, ки баробари ворид шудан ба Кохи Сафед бо Владимир Путин гуфтугӯ хоҳад кард.

Трамп ахиран хушдор дод, ки агар Владимир Путин, президенти Русия бо Украина ба созиши сулҳ нарасад, алайҳи Маскав таҳримҳои изофӣ ҷорӣ хоҳад кард.

Изҳороти Трамп рӯзи 21-уми январ дар чараёни суханронияш дар Кохи Сафед ва дар посух ба суоли хабарнигор садо дод.

Ӯ ҳамзамон аз раисҷумҳури Чин Сӣ Ҷинпин хост, ки дар хатми ҷанг дар Украина ҳамкорӣ кунад.

"Мо бо президенти Украина Владимир Зеленский суҳбат мекунем ва ба зудӣ бо президент Путин ҳам гуфтугӯ хоҳем кард",- гуфт Доналд Трамп, аммо ҷузъиёт надод.

## ПРЕЗИДЕНТҲОИ ИМА БАЪДИ ЧАНД РӮЗИ САВГАНДЁДКУНӢ БО РОҲБАРИ РУСИЯ СУҲБАТ КАРДААНД?

**2001 - ҶОРҶ БУШ БАЪДИ 11 РӮЗ**

**2005 - ҶОРҶ БУШ БАЪДИ 15 РӮЗ**

**2009 - БАРАК ОБАМА БАЪДИ 6 РӮЗ**

**2013 - БАРАК ОБАМА БАЪДИ 40 РӮЗ**

**2017 - ДОНАЛД ТРАМП БАЪДИ 8 РӮЗ**

**2021 - ҶО БАЙДЕН БАЪДИ 6 РӮЗ**

Сорбон:

# НАВИШТАҲОИ НАШРНОШУДА ЗИЁД ДОРАМ...



**Устод Сорбон, Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 85-сола шуд.**

## ЗИНДАГИНОМА

*Сорбон 27-уми январи соли 1940 дар деҳаи Амондараи шаҳри Панҷакент ба дунё омадааст. Соли 1958 Омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент ва соли 1963 факултаи филологии Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро хатм карда, дар кафедраи забони тоҷикӣ ба кор мондааст. Баъдан муҳаррири барномаҳои адабии радиои Тоҷикистон, муҳаррири калони нашриёти «Ирфон», мухбири калони рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» будааст. Чанд сол дар нашриёти «Маориф» ва Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ фаъолият доштааст. Аз соли 1965 ба навиштани ҳикоя шурӯъ намуда, нахустин гулчини ҳикоёташ «Гап дар дил» соли 1969 интишор ёфтааст. Муаллифи қиссаву романҳои маъруфи «Занги аввал», «Санги сипар», «Ҷӯгӣ», «Сабо», «Қумрӣ», «Пиндор», «Марди танҳо», «Чархи эҳтиёҷ», «Санам», «Спитамон», «Шинел», «Дашти Морон», «Кабӯтари сафед», «Буд, набуд», «Зарафшон», «Актёр», «Достони писари Худо», «Туғрал», «Росу», «Кадевар», «Барзгар», “Маздак”, “Дарича дил” ва чандин маҷмӯаи гуногунмуҳтаво мебошад. То имрӯз 15 ҷилди Куллиёти осораш ба дасти чоп расидааст.*

## АЗ ГУФТОРҲОИ УСТОД СОРБОН:

Зодгоҳ барои ман чист? Барои он ки ба ин савол ҷавоб гӯям, ҳама асарҳоямро бояд аз нав баланд-баланд хонам, то шунаванду донанд, ки зодгоҳ маро чист ва онро то кучо дӯст дорам? Зодгоҳ ҷоест, ки хуни ноф рехтааст. Минбаъд ҳам кас ҳозиру нозир аст, агар заруратояд, ҳамчун ватандор хун ва ҷони хеш барои ҳифзу химоя ва ободии он нисор кунад. Зодгоҳ ватани кӯчак ва Тоҷикистон Ватани бузург: ман барои амондарагиҳо писари Ҳамроҳи Содирам; барои панҷакентиҳо амондарагӣ; вилоятиҳоро панҷакентӣ; тоҷикистониҳоро суғдӣ; ҷаҳониёнро тоҷикистонӣ.

***

Тақрибан баробари ба осмон рафтани Гагарин, ки ҳама сухан аз кайҳон мегуфтанду ҳама соҳаҳои ҳаёти халк, аз ҷумла, адабиёт рушд дошт, мо калам тез карда будем, барои навиштани асар. Гумон кардам, ки дар чунин замон бояд заминӣ монам, сорбон бошам. Ман тахаллус нагирифтам, номамро иваз кардам. Ном доштам Облоқул. Омили дигар ин аст, ки дар он рӯзгор Облоқул ном шахс мезист, инсоне буд, худашро боло мегирифту паст буд. Аз ин хусус ман аз баҳри номи хонаводагӣ баромадам. Ибтидо ҳикояҳои хурди лирикиам, ки замони донишҷӯйиам чоп шуда буданд, Облоқул Ҳамроҳзода ном доштам, баъд Сорбон пури Ҳамроҳ ном шудам.

***

Ман баринҳо метавонанд нанависанд. Зеро сухани ногуфта намонда. Аммо бо касоне рӯ ба рӯ мешавем, ки корхое мекунанд, ки шайтон аз ухдаи ҷунону чунин намебарояд. Ҳадаф аз нависандагиам худамонро ба худамон шиносонидан ва сурати инсонҳоро дар ойина рӯ ба рӯ нигоҳ доштан, ба шарте ки онҳо худашонро дар ойина дида шинохта тавонанд... Дигар ин ки ман хома ба даст нагирифтаам, хома ба дастам додаанд.

***

Ман кам механдам. Баъзан аз ман мепурсанд, ки чаро кам механдӣ? Мегӯям, ки сабаб ё асбоби ханда нест. Агар рафиқе ягон ҳикоят ё латифаи бисёр зариф гӯяд, механдам. Агар ягон кас сухани хубе, намакине гӯяд, завқ мекунам; агар ягон калимаи ҷустаамро ё барои худ мувофикро пайдо кунам, шод мегардам... Лекин бароям ҷаҳонро диханд, беҳуда намехандам. Зеро касеро шайтон ҳамроҳ аст, зиёд механдад... Вақте гиря мекунам, ки нокасии баъзеҳоро бинам, ночавонмардии касонро донам; носазо касеро ҷазо диҳанд, беҳуда мардеро саркӯб созанд; беҳуда касеро ҳабс кунанд, катл кунанд, маҳкум созанд...

***

Ман метавонистам бисёр корҳоро ба анҷом расонам, пешниҳодҳо буданд. Баъзеҳо бад қабул кунанд ҳам, як чизро бояд гӯям. Шумо мурғро дидаед, агар тухмаш қаба кунад, ҷой мекобад. Ман низ барои асар ҷой кардан ҷой мекофтам. Дар хонаи тахтагини кӯчаи Орҷоникидзе зиндагӣ мекардем, шароити ҷоҷ набуд: гарму мағали кӯчаю боз ҳашт фарзандаму хонаи тангу... Ман аз хонаам сими барқ кашида, дар гӯшаи ҳавлӣ ҷойи кор муҳайё кардам барои худ... Шаб хомӯшак пахш мекард, кор карда нашуд. Орзуи дар дараи Варзоб ягон манзил сохтан кардам. Ҳамроҳи Лоиқ хело кофтему наёфтем, баъд аз Харангон як замин пайдо шуд. Аз «Зарафшон» сар карда, боқимондаи асарҳоямро дар ҳамон боғча, ба қавли бӯстонсаро навиштам. Дар вокеъ ман аз «Ҷӯгӣ» сар карда, дар мошинка менависам, ҳоло ба компютер гузаштам, ки корамро хело осон кард, сиёҳ кардану таҳрир кардану... Дар нашриёҳо муҳаррири хонагӣ шудаву дар ҳамон ҳавлӣ кор мекардам... Намедонам, тамоми вуҷудам барои адабиёт буд. Талоши ягон чиз накардаам. Бовар мекунед, рӯйи курортро надидаам, як маротиба ҳамроҳи Лоиқ «Коктебел», ки ҷо барои нависандаҳо буд, рафтам, ки пушаймон шудам. Сафарро бад мебинам...

***

Заминро дӯст дорам ва сарсабз доштани боғро. Дар ҳар гӯшаи замини бобоӣ ё ҳавлии шаҳрӣ хештанро кулбаи роз сохтаам, бо худам ва қаҳрамонхоям гуфтушунуфт мекунам. Саг, гурба, кабк, мурғ, филмурғ дорам. Бо обу донаашон машғул мешавам. Онҳо қаҳрамонҳои романи «Росу» ҳастанд.

***

Имрӯз ҳастанд асарҳое, ки мо метавонем бо адабиёти имрӯзаи ҷаҳон муқоиса кунем, аммо як чиз ҳаст: мо чизҳои бударо ба ҷаҳон пешкаш карда наметавонем. Мисол, романи «Барзгар»-ро чанд кас пешниҳод кард, ки ба забони русиву англисӣ тарҷума карда, берун барорам, аммо ман як тарҷумони дуруст наёфтам, ки аз уҳдаи ин кор барояд. Баъзеҳо ҳастанд, ки аз уҳдааш мебароянд, аммо нарх мемонанд осмонӣ. Ба як саҳифааш 10 доллар! Нависандаи имрӯза менависад, бо ёрдами ягон кас чоп мекунад... ва бо ҳамин ба итмом мерасад. То сарҳади Ӯзбекистон мераваду тамом.

***

Манбаи забондонии ман инҳоянд: Якум, забони модарӣ, яъне гуфтори хонаводагӣ ва ё маҳал. Ҳар қадар ки аз чунин гуфтор калима пайдо мекунаму кор мебандам, боз мисли “ганҷи равон” калима пайдо мегардад бамаврид. Он калимотро бо калимаҳои забони китобҳои пешин муқоиса мекунам. Маънӣ ё тарзи навишташонро муайян месозам. Вақте ки Худованд дар шаш рӯз оламро офарид, ба ҳама навъи мавҷудот ном, ранг, гуна ва чизҳои зарурӣ бахшид. Аз ин рӯ, гоҳи навиштан адиб бояд ном, ранг, вазифа, дархӯрди ҳама баргу матоъи тасвирро донад. Дуюм, калимаю иборахое, ки аз асарҳои классикӣ омӯхтаам. Сеюм, калимаҳое, ки аз гуфтору баёни мардумони рустою шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон шунидаам.

***

Баъди хатми донишгоҳ ба радио, аз он ҷо ба рӯзнома ва баъдан дар Иттифоқи нависандагон кор кардам. Гӯё кор кардам, аммо вуҷудам кор намекунад, зеро мегурехтам ва ба бӯстонсароям рафта, асар менавиштам. Ҳоло ҳам гарчанде қувватам камтар аст, вале хоҳиши навиштан дорам... Барои ман муҳимтарин кори ҳаётам навиштан аст, кору курсиву вазифа не. Ҳеҷ гоҳ назди касе барои унвону ҷоиза нарафтаам... На танҳо барои унвон, балки барои нашри асарҳоям ба ҷое муроҷиат накардаам...

***

Кӯдакии мо чандон ширинӣ надошт, талхиҳо ҳам дошт, норасоиҳо ҳам, лекин намедонам, ки чаро кӯдакони дар замони ҷанг, пеш аз ҷанг ва баъди ҷанг тавлидшуда худро шер мегирифтанд, на рӯбоҳ. Шояд ба хотири он ки ҳама барои як кас, як кас барои ҳама кор мекард... Агар устод Айнӣ хоки дари мадрасаро чашидаву 75 дарра хӯрда, ба воя расида бошанд, мо хоки роҳ, хоки замин, хоки гандумпаяро бо даҳону бинӣ хӯрда, ба воя расидем. Ин чӣ қисмат буд... намедонам. Замони ҷанг ба ҳама маълум, лекин бадтараш баъди ҷанг буд. Бисёриҳо барнагаштанд, бедарак шуданд... дард баъди ҷанг шурӯъ шуд. Беҳуда устод Қаноат шеъри «Бародарам»-ро нанавиштаанд. Чаро асарҳои мо дард дорад, барои ин ки мо эрка, нозгунҷ калон нашудем. Ман ҳама кореро, ки падарам ба дӯш гирифтанд, кардам. Падарам пода гирифанд, подабонӣ, галабон шуданд, галабонӣ, ҷувоз гирифтанд, ҷувозкашӣ, осиёб гирифтанд, осиёббонӣ кардам. Ҳама кори деҳотро кардам, то замоне ки ба омӯзишгоҳи Панҷакент омадам, ин ҳам бо талқини падарам, ки мегуфтанд: биҳон.

***

Ман дар ду замон, дар замони шӯравӣ ва Истиқлол зиндагиву эҷод кардам, аз чизеву касе малӯл нестам. Гумон мекунам, ки дар замони шӯравӣ ҳам ошкор менавиштам, ҳоло ҳам. Лекин на ба ин маънӣ, ки зидди чараён мерафтам. Аммо ба рафти чараён низ бел назадаам, ҳеҷ гоҳ. Ҳадафи ман навиштани асари нағз асту халос. Барои ҳамин одамони бадро мазаммат мекунам, одамони поку дилсофу кушодаю шуҷоъу коргарро ситоиш...

***

Навиштаҳои зиёд дорам, ки то ҳол нашр накардаам, чун вақташ наомадааст. Агар тавонистам, нашр мекунам, натавонистам, баъд аз сари ман фарзандонам чоп хоҳанд кард...

# САВСАНИ МУШТЗӮР БОЗДОШТ ШУД

**Раёсати корҳои дохилии вилояти Хатлон ҳодисаи ваҳшатангезеро, ки дар он зане бо номи Савсан зани дигареро мавриди латукӯб ва кӯдаки хурдсолашро мавриди озор қарор додааст, таҳқиқ мекунад. Ин навор чанд рӯз қабл ба шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфта, ҷомеаро такон дод.**





Тибқи маълумоти пешакии тафтишотӣ, ҳодиса дар моҳи декабри соли 2023 рух додааст. Савсанбии Ҷиёнхон, соли таваллудаш 1995, сокини ноҳияи Ш. Шоҳин ва муваққатан истиқоматкунандаи шаҳри Кӯлоб, бо сабаби рашк шаҳрванд Кибриёи Забирро (соли таваллудаш 1991) ба манзили худ даъват мекунад. Кибриё бо кӯдаки хурдсоли худ, ки ҳамагӣ 3 сол дорад, ба манзили Савсан меояд.

Дар ҷараёни мунокиша Савсан ва модари ӯ Валиева Садбарг ҷабрдидаро таҳқир намуда, мавриди латукӯби шадид қарор медиҳанд. Ҷабрдида бо зӯроварии хоси ҷисмонӣ, аз ҷумла кашидани мӯй ва задани доимӣ шиканҷа шудааст. Бадтар аз ин, кӯдаки хурдсоли ҷабрдида низ аз ҷониби гумонбар бо тасмаи резинӣ мавриди латукӯб қарор гирифтааст.

Илова бар ин, телефони мобилии ҷабрдида, тамғаи "Самсунг" ва як ҷуфт гӯшвори нукрагини ӯ аз ҷониби гумонбарон шикаста ва корношоям карда шудаанд.

Пас аз паҳн шудани навор дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва мурочиати шаҳрвандон, кормандони милитсия ҷорабиниҳои фаврии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида, гумонбаронро муайян ва боздошт карданд. Нисбат ба Савсанбии Ҷиёнхон тибқи моддаи 117, қисми 2, бандҳои "а" ва "в" Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (шиканҷаи ҷисмонӣ бо истифода аз зӯроварии махсус) парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

Гумонбар айни ҳол дар ҳабси пешакӣ қарор дошта, тафтишоти минбаъда чихати муайян кардани нақши модари гумонбар ва дигар шахсоне, ки дар ин қазия иштирок доштанд, идома дорад.



**Милитсияи Душанбе чор ҷавонро боздошт кардааст, ки аз як сокини пойтахт барои паҳн накардани маълумоти беоркунандааш 15 ҳазор сомонӣ талаб кардаанд.**

Раёсати ВКД дар пойтахт аз боздоштшудаҳо Каримов Ҷамшед, Максудов Ислом, Мирзоев Мирзо ва Мирзоев Фирӯз ном бурдааст. Ба гуфти манбаъ, онҳо рӯзи 12-уми январ аз як сокини ҷавони Душанбе барои паҳн накардани маълумоти беоркунандаи ӯ 15 хазор сомонӣ талаб кардаанд. Гумонбаршудаҳо аз ин ҷавон барои овардани маблағ телефон ва шиносномаи миллиашро ба гарав гирифтаанд.

# ҶАВОНИ 22-СОЛА САБАБИ МАРГИ МАЙОРИ МИЛИТСИЯ

**Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ (ВКД) дар пойтахт аз боздошти як ҷавони 22-сола хабар дод, ки сабаби марги майори милитсия, корманди Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) шудааст. Ба иттилои манбаъ, садамаи нақлиётӣ рӯзи 13-уми январ дар шаҳри Душанбе рух додааст.**





Мақомот аз ин ҷавон Анушервон Шарифзода, сокини пойтахт ном бурданд ва ӯ "барои содир намудани садамаи марговари нақлиётӣ" боздошт гардидааст.

Гуфта мешавад, ки Шарифзода ҳуҷҷати ронандагӣ надошта, шаби 13-уми январ мошини тамғаи "Опел-Астра"-и падараш Асадулло Шариповро гирифта, вақти ҳаракат дар кӯчаи Саъдии Шерозии пойтахт Беҳрӯз Саидализода, майори милитсия ва корманди БДА-ро зимни адои хидмат пахш карда, аз ҷои ҳодиса фирор кардааст.

"Дар натиҷа, Сайдализода Б. ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошта, ҳангоми ба беморхона дастрас намудан ба ҳалокат расид",- омадааст дар хабари Раёсати ВКД дар Душанбе.

Ба иттилои мақомот, Анушервон Шарифзода ҳоло дар ҳабси пешакӣ қарор дорад ва бар зидди ӯ бо иттиҳоми вайрон кардани қоидаи ҳаракат дар роҳ (моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон) ва дар хатар мондани ҷони одам (моддаи 127 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон) парвандаи ҷиноятӣ ифтитоҳ шудааст.

Тибқи қонунгузорӣ иттиҳоми аввали боздоштшуда вобаста ба бандҳои ин модда то 10 соли зиндон ва иттиҳоми дуюм бо дарназардошти бандҳои модда то 7 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.



**Суди ноҳияи Калинини шаҳри Новосибирск рӯзи 16-уми январ Далерҷон Очиловро ба авбошӣ ва бадном кардани артиши Русия гунаҳкор донист ва 7 сол зиндонӣ кард.**

Гуфта мешавад, ки Далерҷон Очилов дар бораи амалиёти низомии Русия дар Украина маълумоти дурӯғ дода, амалкарди президент Владимир Путинро дар ин замина танқид кардааст. Очилов дар соли 2012 ба Русия рафта, моҳи феврали соли 2024 барои дарёфти шаҳрвандии ин кишвар ариза додааст. Ӯро моҳи апрели соли 2024 дастгир карданд.

# БАЪДИ 26 СОЛ. РОҲБАРИ ГУРӮҲИ ҶИНОӢ 15 СОЛ ҲАБС ШУД

**Суди вилояти Хатлон як зодаи ноҳияи Ҷайҳунро барои одамкушӣ ва ташкили гурӯҳи ҷиноӣ дар солҳои 90-ум 15 сол равонаи зиндон кардааст.**




Гуфта мешавад, ки Саймуддин Холов, сокини шаҳри Душанбе солҳои 1996-1997 дар собиқ ноҳияи Қумсангир (ҳоло Ҷайҳун) "бо мақсади куштору ғорати амволи шаҳрвандон" гурӯҳи ҷиноии мусаллаҳ таъсис дода, онро роҳбарӣ кардааст.

Ин гурӯҳи ҷиноӣ дар куштори кормандони милитсия ва Комиссариати ҳарбии ноҳияи Ҷайҳун даст доранд. "Азия плюс" менависад, ки "Саймуддин Холов бо ҳамроҳии ду узви дастааш Ёрмахмад Хушбахтов ва Одил Сафаров рӯзи 10-уми апрели соли 1996 нозири минтақавии ШВКД дар ноҳияи Ҷайҳун Саъдӣ Пиров ва корманди комиссариати ҳарбии ноҳия Уктам Хоҷаевро ба қатл расониданд. Инчунин, сокинони ҳамин ноҳия Маҳмуд Салоҳиддинов ва Абдуҷалил Бердишукуров низ аз тарафи ҳамин гурӯҳ кушта шудаанд".

Ин гурӯҳи мусалаҳ ҳамчунин ба хонаи Абдуғафор Қурбонов, истиқоматкунандаи колхози ба номи Раҳмонови ноҳияи Ҷайҳун ҳамла карда, ӯро ба қатл мерасонанд ва маблағҳои зиёдашро аз худ мекунанд.

Дар ҳайати гурӯҳи таъсисдодаи Саймуддин Холов ҳамчунин Ёрмахмад Хушбахтов, Одилҷон Маҳмадов, Маҳмадюнус Хушбахтов, Абдуғафор Кенҷаев, Одил Сафаров ва дигарон шомил будаанд.

Ҳамин тариқ, Суди вилояти Хатлон моҳи ноябри соли гузашта Саймуддин Холовро бо ду моддаи Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон -одамкушӣ (моддаҳои 104) ва ташкили гурӯҳи ҷиноятӣ (моддаи 156 дар таҳрири соли 1961) гунаҳгор дониста, ӯро 15 сол дар колонаи низомаш пурзӯр аз озодӣ маҳрум кард.




**17-уми январ бар асари фурӯ рехтани сангу рег дар кони ангишти Фон-Яғноб дар ноҳияи Айнии вилояти Суғд се коргар ҷон бохтаанд. Ҷонбохтагон 41, 42 ва 47-сола буда, вале мақомот ному насабашонро нашр накардаанд.**

Дар Кумитаи ҳолатҳои фавқулода гуфтанд, ки "ҷасадҳо ба беморхонаи вилоятӣ бурда шуданд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сабабҳои фоҷеаро таҳлилу тафтиш мекунанд". Соли 2023 дар корхонаҳои Тоҷикистон 36 кас ҷон бохта, 34 тани дигар захмӣ шудаанд. Корхонаи "Фон-Яғноб" таъминкунандаи асосии баъзе аз корхонаҳои азим, аз ҷумла Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе бо ангишт мебошад.

# 10 ЗАРАРИ САРИ ЛУЧ ГАШТАН ДАР ЗИМИСТОН

**Дар рӯзҳои сарду пурбарфи зимистон низ аксари ҷавонону духтарон сари луч мегарданд. Ин ба саломатӣ зарар дорад. Имрӯз мо ба шумо дар бораи 10 зарари сари луч гаштан дар фасли зимистон маълумот медиҳем.**



1. Дар фасли зимистон ҳатман ба сар рӯймол бастан ё кӯлоҳи гарм пӯшидан лозим аст, чунки ҳавои хунук ба майнаи сар ва дигар узвҳои ҳаётан муҳими инсон таъсири манфӣ расонида, дар натиҷа ба ҳар хел касалиҳо гирифтор шудан мумкин аст.

2. Яке аз бемориҳои вазнине, ки бо сабаби сари луч гаштан дар ҳавои сард пайдо мешавад, ин менингит мебошад. Менингит илтиҳоби пардаи майнаи сар буда, оқибатҳои ногувор дорад ва касро то ба марг бурда расонида метавонад.

3. Одамоне, ки дар фасли зимистон рӯймол намебанданд ва кӯлоҳи гарм намепӯшанд, бар асари гармохунукшавии организм иммунитеташон суст мешавад. Вақте иммунитети инсон заиф гашт, касалиҳои кӯҳнашудае, ки дар вуҷудаш ҳастанд, якбора авҷ мегиранд, бар замми ин, кас ба осонӣ ба бемориҳои илтиҳобию сироятӣ гирифтор шуда метавонад.

4. Одам муддати тӯлонӣ дар кӯча сари луч гашта, баъд бо сару рӯйи яхкарда ба хона, корхона ё дигар макони гарм дарояд, ба отит, ки яке аз бемориҳои паҳншудаи гӯш ва шумор меравад, гирифтор мегардад. Бо сари тар ба кӯча баромадан ҳам касро ба отит гирифтор карда метавонад.

5. Бар асари хунукӣ дар гӯши одамоне, ки сари луч мегарданд, пучак мебарояд.

6. Аз таъсири сармозадагӣ дар гӯшҳо садо (шум) пайдо шуда, метавонад боиси суст шудани шунавоӣ ва ҳатто кар шудани инсон гардад.

7. Бештар шахсоне, ки дар рӯзҳои сарди зимистон сари луч мегарданд, ба ангина гирифтор мешаванд.

8. Дар фасли сард бе рӯймол ва кӯлоҳ гаштан касро ба гайморит ва фронтит гирифтор карда метавонад.

9. Яке аз сабабҳои ба бемории астма гирифтор шудан сари луч гаштан дар фасли зимистон мебошад.

10. Кӯлоҳ ва рӯймол напӯшидан дар рӯзҳои хунук ва барфии зимистон метавонад боиси шамолкашии торҳои асаби рӯй, невролгияи асаби сешоха (тройничный нерв) ва баланд шудани фишори дохили майна гардад.

Хулоса, саломатии худро эҳтиёт намоед ва бе кӯлоҳ ё рӯймол ба кӯча набароед.



## ХУСУСИЯТҲОИ ТАБОБАТИИ РАВҒАНИ ЗАРД

**Равғани зард ё равғани ҳайвонот навъи равғане мебошад, ки онро аз таркиби равғани шири гов, гӯсфанд ва буз пас аз гарму гудохта кардан ба даст меоранд.**

Муҳимтарин хусусияти равғани зард он аст, ки он масунияти баданро мустаҳкам намуда, эҳтимоли гирифтор шудан ба сироятҳои гуногуни вирусиро коҳиш медиҳад. Ҳамзамон он давои хуб барои рафъи сӯхтагӣ, доғ ва илтиҳоби пӯст мебошад. Ҳангоми коркард ҳама моддаҳои зараровар дар равған ҳал мешаванд ва танҳо моддаҳои фоиданок боқӣ мемонанд. Ба гуфтаи мутахассисон, равған дорои витаминҳои B, инчунин A, E, D, PP мебошад. Ин маҳсулотро ба шир андохта, нӯшидан хуб аст. Ин нӯшокӣ роҳҳои нафасро мулоим намуда, барои рафъи сулфа кумак менамояд.

Равғани зард аз ҷиҳати хусусияти давоӣ аз маска қавитар мебошад. Агар инро биҳӯранд ва гузошта банданд, варамҳоро хуб мекунад ва гиреҳҳои баданро мекушояд. Ба гуфтаи мутахассисон, миқдори як бор хӯрдан аз равғани зард дар як рӯз то 50 грамм аст. Қуввати поксозандагӣ ва таҳлилдиҳандагӣ дар равғани зарди кӯҳна назар ба равғани нави он зиёдтар аст. Таъсираш барои баданҳои миёнаҳол назар ба баданҳои қавӣ зиёдтар мебошад. Он барои варамҳои баногӯш фоида дорад.

## РАВҒАНИ БОДОМ ДАВОИ ДАРДИ ГӮШ

**Дар тиби муосир равғани бодом ба сифати давои рафъи қабзият тавсия дода мешавад. Онро ба таркиби линиментҳо, малҳамҳо, кремҳои гуногун илова мекунанд.**

Ҷавҳари обии мағзи бодом тарашшӯҳи шираи меъдаро кам мекунад, барои муолиҷаи газаку захми меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта муфид аст.

Барои муолиҷаи гӯшдард рӯзе 2 маротиба ба гӯш равғани бодом чаконидан муфид аст. Молидани равғани бодом пӯстро нарм месозад.

Равғани бодом, ки дорои витаминҳои A, E, B6, магний, фосфор, рух, каротин, инчунин якчанд моддаҳои ғизоӣ мебошад, аз он истифода бурдан осон аст.

Аз сабаби он ки равғани бодом варам намекунонад ва хеле сабук аст, барои чинҳои қавоқ ва атрофи чашм ҳатто одамони пӯсташон ҳассос истифода бурда метавонанд.

Равғани бодом барои мӯйи беш аз ҳашт ҳазорсола истифода мешавад. Он барои худкома мувофиқ аст, ки бо дигар равғани табиӣ ё дар таркиби миқдор омехта мувофиқ аст. Бо витаминҳо пур кардани таъсири эффективӣ кумак мекунад.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Аввали ҳафта бо нафаре шинос мешавед, ки дар сарнавиштатон нақши бисёр муҳимро бозида метавонад. Саросема нашуда, аввал дар бораи пешниҳоде, ки вай ба шумо мекунад, нағзакак андеша намоед, баъд хулоса бароред. Ба баъзе ҳамалҳои танҳо охири ҳафта хостгор меояд.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ин ҳафта бояд барои беҳтар кардани сатҳи зиндагиятон кӯшиши зиёд кунед. Нимаи ҳафта каме даромад ба даст меоред, вале пули ёфтаатон ба зудӣ боз аз даст меравад. Дар коргоҳ роҳбарият ба ҳар коратон эрод мегирад.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Ин ҳафта каме душвориҳо пеш меоянд, вале набояд озурда шуд. Шумо бо кумаки дӯстонатон аз уҳдаи ҳалли ҳама мушкилиҳо мебароед. Нафароне, ки бо тиҷорат сарукор доранд, нимаи дуюми ҳафта агар шартнома банданд, ояндаи неки худро таъмин менамоянд.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ин ҳафта барои зодагони бурҷи саратон айёми гуворост. Ба нафароне, ки аз бекорӣ хаста шуда, бо тиҷорат машғул шуданиянд, маслиҳат медиҳем, ки аз тиҷорати хурд сар кунанд, вагарна пулашон ба боди фано меравад. Барои харидани хона ва мошин айёми беҳтарин аст.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Дар тиҷорат баъзе нокомиҳо мешаванд, вале аз ин набояд озурда гашт. Меҳнат кунед, мушкилиҳои молиявӣ оҳиста-оҳиста ҳал мешаванд. Барои нафароне, ки фикри зангириро дар сар доранд, айёми беҳтарин фаро мерасад.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Сабру тоқатро пеша намоед. Чоршанбе вазъи саломатиятон якбора бад шуда, наздиконатонро ба ташвиш меорад. Ба саломатиатон аҳамият диҳед, чунки табиби ҳар шахс худаш аст. Каме азоби бепулӣ мекашед. Мушкилоти молиявӣ асабҳоятонро хароб мекунад.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Ҳолати молиявиатон рӯ ба беҳбудӣ меорад. Душанбе даромади на он қадар калонеро ба даст меоред. Барои сарф кардани пул саросема нашавед, ин маблағ барои харидани ашёи кайҳо орзукардаатон ба шумо лозим мешавад. Камтари дигар зӯр занед, ба марра мерасед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Ҳолати молиявии ақрабҳо ин ҳафта муътадил боқӣ мемонад. Пайдо шудани сарчашмаи нави даромад ба гумон аст, вале шумо имкон доред, ки ба наздиконатон ёрӣ расонед. Нафароне, ки дар сари вазифаанд, ин ҳафта эҳтимол ба хориҷа сафар намоянд.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Барои бартараф намудани мушкилоти молиявӣ ин ҳафта эҳтиёткорона тамоми ҳуҷҷатҳои вобаста ба пулро тафтиш кунед. Агар муҷаррад бошед, саросема нашуда, номзадҳоро нағзакак санҷед ва аз ҳама арзандаашро интихоб намоед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Аввали ҳафта даромади калон шуморо интизор аст. Маблағе, ки ба даст меоред, барои хариди ягон чизи гаронбаҳо кифоят мекунад, вале ба шумо зуд ба бозор давиданро маслиҳат намедиҳем, чунки хавфи ба доми фиреб афтоданатон вуҷуд дорад.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Хароҷоти калон зарбаи сахте ба кисаатон зада, мушкилоти пулӣ шуморо хаста месозад. Озурда нашавед, рӯзи ҷумъа даромади калони пулӣ ба даст оварда метавонед. Ҷангу ҷанҷоле, ки дар ҷойи коратон сар зада, дарди сари шумо мешавад, табъатонро андак хира месозад.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Аввали ҳафта даромади начандон калон шуморо интизор аст. Дасткушодӣ ҳамёнатонро ба зудӣ холӣ ва ҳолати рӯҳиятонро хароб месозад, бинобар ин, дар сарф кардани маблағ эҳтиёткор бошед. Чоршанбе барои ҳутҳои танҳо рӯзи бобарор аст.

# ДАСТХАТҲОЕ, КИ УСТОД АЙНӢ АЗ ОНҲО ИСТИФОДА БУРДААСТ...



**Рӯзи 20-уми январи соли равон дар Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷониби ҷияни академик Ҳомидҷон Мансуров ва хешони наздики устод Садриддин Айнӣ Умедҷон Мансуров ба Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода чанд китоби дастхат ҳадя гардид.**

Аз Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон хабар медиҳанд, ки Умедҷон Мансуров се дастхат - “Мунтахаби девони мулло Машраб”, ки дар соли 1901 чопи сангӣ шудааст (номи дигараш “Нусхаи аҳли ишқу ирфон”); “Чаҳор китоб” бо забонҳои тоҷикӣ бо истифода аз осори Аттори Нишопурӣ (чопи сангӣ), Китоби “Кофия”-и Мавлоно Абдурахмони Ҷомӣ дар илми сарфу наҳви арабиро, ки аз шаш боб иборат аст (чопи сангӣ), тақдим кардааст.

Умедҷон Мансуров дастхатҳоро, ки аз бобояшон ба мерос мондааст, солҳои зиёд нигаҳдорӣ карда, таъкид намудааст, ки аз онҳо устод Садриддин Айнӣ ҳангоми таълифи китоби “Намунаи адабиёти тоҷик” истифода кардааст. Ба хотири дастрас шудан ба дӯстдорони илму адаб Умедҷон Мансуров аз Абдуҷаббор Раҳмонзода хоҳиш кардааст, ки дастхатҳоро чун рамзи эҳтиром ба фарҳангу таърих ва забони тоҷикӣ ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон расонанд, то соҳибони забон аз онҳо дар оянда истифодаи фаровон намоянд.

Гуфта мешавад, ки дастхатҳо гаронарзиш буда, махсусан мунтахаби девони Машраб ҷолиби диққат аст. Масалан, ғазали машҳури Машраб, ки матлаъаш:

*Аз наистони фироқат ҳамчу оташ сар задам,*
*Ҳамчу алмосе шудам, тоқи фалак бар ҳам задам.*

ва мақтаъаш:

*Машраби девонаам, саргаштаам аз баҳри ёр,*
*Оламе дунёи дунро пушти як нохун задам.*

вориди ҳамин “Девони Машраб” гаштааст.

Аз Сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон гуфтанд, ки дастхатҳо дарояндаи наздик ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон тақдим мегарданд.

# АЗ САДА ТО НАВРӮЗ

## Нашри китоби олими тоҷик дар Эрон

**Китоби адабиётшиноси маъруфи тоҷик Нуралӣ Нурзод таҳти унвони “Аз Сада то Наврӯз” дар остонаи таҷлили ҷашни куҳани миллии мо - Сада тавассути нашриёти “Хирадгон” дар Теҳрон ба чоп расид.**






Дар ин китоб мақолоте фароҳам омадаанд, ки ба таҳқиқу баррасии сарнавишти таърихии ду ҷашни бузурги қадимаи мо - Сада ва Наврӯз, заминаҳои зуҳур, сууд ва сукут дар даврони мухталифи таърихӣ, эҳёи дубораи ин падидаҳои нодири фарҳангии мо дар замони истиқлоли миллӣ, шукуҳи таҷлили ин ҷашнҳо ва оинҳои пурғановаташон дар миёни тоҷикон, бозтоби онҳо дар адабиёти миллии куҳани мо ихтисос ёфтаанд. Ба китоби мазкур Сафири фавқулода ва мухтори Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон Низомиддин Зоҳидӣ пешгуфторе таҳти унвони “Сада ва Наврӯз: ҷашнҳои куҳан бо шинохт аз завоёи дигар” навишта, аз ҷумла таъкид намудаанд, ки “Китобе, ки ҳамакнун таҳти унвони “Аз Сада то Наврӯз” ба чоп мерасад, сурати такмилёфта ва бо иловаи мақолоти дигари нашри қаблии он, ки дар Тоҷикистон интишор ёфта буд, мебошад. Умедворем, ки тавассути мутолеаи ин асар ҳамзабонони мо дар баробари доштаву донистаҳои фаровони хеш аз Наврӯзу Сада аз ҳайсияту фазилат ва суннатҳои нодири ин ҷашнҳо миёни мардумони Фароруд, хоса тоҷикон, сарчашмаҳои шинохти ин оинҳои аҷдодӣ дар сарзамини устод Рӯдакӣ, Нақибхон Туғралу Садриддин Айнӣ, яъне марзҳои дигари забону адабиёти форсӣ огоҳӣ хоҳанд ёфт”.

Китоб дар умум аз се бахш таркиб ёфта, маҷмуан 10 мақолаи муаллифро роҷеъ ба муҳимтарин вежагиҳои ин ду ҷашни куҳан, аз ҷумла суннати Сада ва Наврӯз, наврӯзноманависӣ дар адабиёти форсии Фароруд аз оғоз, яъне аз оинномаҳои тоисломӣ, “Наврӯзнома”-и Ҳаким Тирмизӣ то “Сайри ширбадан”-и устод Садриддин Айнӣ, таъсири наврӯз бар фарҳанги мардумони дигар ва таҷлил дар миёни ин ақвом, бозтоби баҳору наврӯз дар шеъри Бедил ва пайравони ӯ баҳс мекунанд.

Ёдовар бояд шуд, ки китоби мазкур бори нахуст зери назари академик Носирҷон Салимӣ соли 2019 бо хати кириллӣ дар нашриёти "Ношир" ба нашр расида, соли 2022 муаллиф барои ин асар дар фестивали байналмилалии адабии "Авруосиёи кушода" дар шаҳри Мелбурн (Австралия) дар номинаи «Кори академикӣ» соҳиби ҷоиза гардида буд.

Ёдовар мешавем, ки донишманди шинохтаи тоҷик профессор Нуралӣ Нурзод дар баробари таҳқиқи масоили мухталифи адабиёти классикӣ ва муосир солиёни зиёдест, ки ба таҳқиқи фарҳанги мардуми тоҷик, аз ҷумла ҷашнҳои қадимии тоҷикон - Сада, Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон машғул аст. Китобҳои ӯ “Аз Сада то Наврӯз” (Хуҷанд, 2019), “Наврӯзномаи Суғд” (2016, бо алифбои кириллӣ ва форсӣ) ва “Сада оғози соли ориёист” (2022) дар шинохти ин ҷашнҳои куҳани миллати мо маълумоти фаровону муфид медиҳанд.

**О. СОҲИБЗОДА**

## МАВЛУДНОМА

**23 ЯНВАР**

**Белла Монастирская** (1915-1979), 110-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Хосият Улуғхоҷаева** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

**Юрий Шербаков** (1930), 95-солагии зодрӯзи генерал-лейтенанти адлия.

**24 ЯНВАР**

**Яъқуб Ғолибов** (1930-1976), 95-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Хунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Зоя Козлова** (1920-1994), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Виталий Коретский** (1895-1973), 130-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Раҳматулло Раҳмонов** (1920-2002), 105-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**25 ЯНВАР**

**Ҳайдар Каримов** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа.

**Мавлуда Муҳаммадқулова** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Каримҷон Усмонов** (1940), 85-солагии зодрӯзи забоншинос. 70-солагии таъсиси (1955) ҷамъияти варзишии «Локомотив».

**Гурез Абдураҳмонов** (1915-1974), 110-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Наримон Бақозода** (1935-2009), 90-солагии зодрӯзи шоир.

**Саъдулло Неъматов** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**Сайдулло Ҷӯраев** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**27 ЯНВАР**

**Евгения Зелнеер** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Равил Жарков** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Ғаффоралӣ Сафар** (1950), 75-солагии зодрӯзи адиб.

**28 ЯНВАР**

**Ҳусейн Насруллоев** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Бронислав Тсой** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфиддин Тӯраев** (1945), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Паринамо Ҷумъаева** (1935-2003), 90-солагии зодрӯзи арбобзани ҳизбию ҷамъиятӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**29 ЯНВАР**

**Иван Гришин** (1915-1989), 110-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Хунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Музаффар Ғаниев** (1940-1996), 85-солагии зодрӯзи коргардони ТВ, ширинкор.

**Зебуниссо Рустамова** (1955), 70-солагии зодрӯзи варзишгар, Қаҳрамони ҷаҳон оид ба камонварӣ (1975).

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ-инвентарӣ, №08692, ба номи Сатторов Ятим, ш. Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Чоряккорон, хонаи 145, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A04078343, ба номи Тургинова Марҳабо Ойбековна, ки санаи 11.01.2022 аз ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маъюбӣ, ВТЭ-1 №3892, ба номи Абдулоева Парвина Турсунмуродовна, ки санаи 14.12.1997 аз ВТЭК дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Махмадов Афзалшо Кишваршоевич, РМА: 126477273, соли 2024, ки аз Нозироти андози ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10, №001600, ба номи Қувватов Дилшод Назарович, соли хатм 1992, ки аз ҷониби МТМУ №88-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ аз 12.09.2023, №98555 ба номи Ватанзода Сумая Одинашоҳ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи №06/9Б-20 аз санаи 23.09.2020 байни Маҳмадиев Навруз Холназарович ва ҶДММ "Шаҳри зебои мо", ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи С. Айнӣ 61, ҳ. 63, ошёнаи 9, блоки-Б, 51,40 кв.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Худойбердизода Сайёраи Партов, РМА: 038308144, ки аз Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонот, №01-118/2021, ба номи Қулматов Хуршедҷон Собирҷонович, ки соли 2021 аз ДДТ Хатлон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Суробова Кимхо Изатулоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев, хонаи 234, ҳ. 25, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A02304679, ба номи Туйчибоев Фуркат Холматжонович, ки санаи 19.07.2019 аз ШВКД-2 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, 04514525, ба номи Алиева Амина Подабоновна, ки санаи 23.09.2022 аз ШВКД-2 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Сафарова Сафармо, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, кӯчаи Гравзавод 44, ҳ. 11, соли 2020, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №(6309) 12332, ба номи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, к. Холов 4, ҳ. 17, соли 1992, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

# JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- Finance Analyst, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 23525/National Personnel Services Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 3 February 2025, 23:59 New York time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №3169, ба номи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, к. Бухоро 50, ҳ. 74, соли 1992, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Абдураҳмонова Оиша Абдуқаюмовна, ки соли 2022 аз ҷониби АМИТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Муҳр ва гӯшамуҳр, ки ба КТ "Хоҷагии деҳқонии Меҳри", РЯМ: 0710011849, РМА: 070005505, аз 30.03.2023, тааллуқ доранд, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №3184, ба номи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомони, кӯчаи Теҳрон 32, кв. 34, соли 1993, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10, №141548, ба номи Шарипов Фарҳод Шукурович, ки соли 1991 аз ҷониби МТМУ №11-и ноҳияи Восеъ, ҷамоати Тугарак, деҳаи Тугарак дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №6778, ба номи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, к. Рӯдакӣ 85/1, ҳ. 10, соли 1994, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Вакили Асос", №0269197, РЯМ: 0110030975, РМА: 010107543, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

UFC

# МУИН ҒАФУРОВ ҶОПОНИИ МАҒЛУБНОПАЗИРРО ШИКАСТ ДОД



**Размикори тоҷик Муин Ғафуров дар вазни сабук дар мусобиқаи UFC 311 дар Иглвуди ИМА бо Риня Накамураи қаблан мағлубнашудаи ҷопонӣ (9:1) қувваозмоӣ карда, пирӯз шуд.**

Мубориза тибқи нақшаи пешакӣ дар се раунд давом кард. Он бо қарори якдилонаи доварон бо пирӯзии Ғафуров анҷом ёфт. Ҳар се довар ин қувваозмоиро бо ҳисоби 30-27 бар нафъи Муин донистанд. Ҳоло Ғафурови 28-сола як силсилаи пирӯзӣ дар ду набард ва рекорди 2-2 дар UFC дорад. Аз ин набард Ғафуров 64,5 ҳазор доллар ба даст овард.

Накамураи 29-солаи ҷопонӣ ба аввалин бохти касбӣ дучор шуд. Пештар ӯ дар UFC силсилаи пирӯзӣ дар се набардро дошт. Накамура аз ин набард 43 ҳазор доллар гирифт.

Размикори дигари тоҷикистонӣ Муҳаммад Наимов (11-3) муқобили намояндаи Австралия Каан Офлӣ (11-3-1) рӯзи 1-уми феврал дар Риёз набард мекунад. Нурулло Алиев пас аз осеб дигарбора қавӣ баргашт ва рӯзи 11-уми январ бар намояндаи Амрико Ҷо Солекки (13-6) бо қарори якдилонаи доварон зафар ёфт.

CAFA

# НАХУСТИН МУСОБИҚАИ "ҶОМИ РОҲИ АБРЕШИМ" БАРГУЗОР МЕШАВАД

**Соли 2025-ум бори нахуст бо ташаббуси Ассотсиатсияи футболи кишварҳои Осиёи Марказӣ (CAFA) миёни бошгоҳҳои ин минтақа "Ҷоми Роҳи Абрешим" баргузор мешавад.**

Тибқи тартиби баргузорӣ мусобиқа аз марҳилаҳои интихобӣ, гурӯҳӣ ва ниҳоӣ иборат аст. Дар маҷмӯъ, дар ин мусобиқа 10 даста иштирок мекунанд. 6 дастаи ғолиби чемпионатҳои Эрон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Афғонистон соҳиби роҳхати мустақим ба марҳилаи гурӯҳӣ мешаванд.

Барандагони Ҷоми кишварҳои Туркманистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Афғонистон дар марҳилаи интихобӣ барои 2 роҳхати дигар ба марҳилаи гурӯҳӣ талош мекунанд. Ҳар даста дар гурӯҳ 3 бозӣ баргузор мекунад. Ғолибони гурӯҳҳо ва дастаҳои ҷойи дуюм ба марҳилаи ниҳоӣ роҳхат мегиранд. Дар бозӣ барои ҷойи сеюм дастаи дуюми гурӯҳи "B" бо дастаи дуюми гурӯҳи "A" рақобат мекунад. Дар финал ғолиби гурӯҳи "A" бо пешсафи гурӯҳи "B" барои қаҳрамонӣ мубориза мебарад.




Бозиҳои марҳилаи интихобӣ охири моҳи март ва марҳилаи ниҳоӣ аз 26-уми апрел то 6-уми май баргузор мешаванд. Макони баргузории бозиҳои марҳилаи ниҳоӣ дертар эълон мегардад. Бо эҳтимоли зиёд аз Эрон ва Ӯзбекистон ба ҷойи қаҳрамонҳои чемпионати ин кишварҳо дастаҳои дигар иштирок мекунанд. Тоҷикистонро дастаҳои "Истиқлол" ва "Регар-ТадАЗ" намояндагӣ мекунанд.

ФУТЗАЛ

# АКСАРИ ДАСТАҲО 5-ГОЛӢ ЗАДАНД

**Дар ҳамаи бозиҳои даври 11-уми Суперлигаи футзали Тоҷикистон яке аз дастаҳо 5 гол зад. Бозиҳо бо ҳисобҳои 5:5, 5:2 ва 5:0 ба охир расиданд.**




Дар доираи даври нахустини марҳилаи дуюми Суперлигаи футзали Тоҷикистон дастаи «Истиқлол» дар «Кохи Олимп» бо тими «Сипар» мусовӣ - 5:5 бозӣ кард. Дар зимн, «Истиқлол» дар равзанаи трансферӣ ду футзалбози хориҷиро даъват кард, ки инҳо бозикуни хати ҳимоя, узви дастаи мунтахаби футзали Туркманистон Равшан Оразмуҳамедов ва ҳамлагар аз Бразилия Матеуш Худсон Соуза Диас ҳастанд.

Дар ин давр дастаҳои шаҳри Душанбе - «Сомон ва «Пойтахт» бозӣ карданд, ки аввалӣ бо ҳисоби 5:2 пирӯз шуд. Ҳамчунин, бо ҳамин ҳисоб дастаҳои «Истаравшан» (Истаравшан) ва «Соро компания» (Душанбе) бозиашонро дар ин давр анҷом доданд, ки дастаи пойтахт ғолиб омад. «Хуҷанд»-и Хуҷанд ба дарвозаи «Регар»-и Турсунзода 5 голи беҷавоб зад.

ФУТБОЛ

# МУТАХАССИСИ РУС ДМИТРИЙ ЧЕРИШЕВ БА КӮЛОБ ОМАД

**18-уми январ дастпарварони футболи Русия Дмитрий Черишев ва Константин Северянович ба Тоҷикистон омаданд.**



Дмитрий Черишев бо дастаи «Равшан»-и Кӯлоб шартномаи ҳамкорӣ имзо кардааст ва ин дастаро роҳбарӣ хоҳад кард. Мураббӣ бо роҳбарият ва ситоди мураббиёни бошгоҳ мулоқот анҷом додааст. Дар ин мулоқот сармураббии нав ва роҳбарияти дастаи "Равшан" вобаста ба анҷом додани машқҳои дастаҷамъӣ дар се марҳила барои омода шудани даста ба мавсими нави футбол ва ҷалби боз чанд тан аз футболбозони хориҷӣ маслиҳатҳои судманд кардаанд.

Дар ҳамин ҳол, гуфта мешавад, ки «Равшан» бо чанд бозигар қарордоди ҳамкорӣ бастааст. Алиҷон Кароматуллозода, Муҳсин Абдуғаффоров, Шериддин Бобоев, Абдураҳмон Нозимов, Абдулфаттоҳ Худойдодзода бо даста шартнома бастаанд. Дар баробари ин, легионерҳо Самуел Офорӣ, Кристиан Мочич, Сиддиқ Камол ва бозикунҳои маҳаллӣ Азизбек Султонов, Салам Ашурмамадов аз даста рафтанд.

## РЕЗААХБОР




Ҳимоятгари ӯзбекистонии дастаи "Ланс" (Фаронса) Абдуқодир Ҳусанов расман бозигари дастаи "Манчестер Сити" (Англия) шуд. Дар ин бора саҳифаи расмии дастаи шаҳри Манчестер хабар дод. Абдуқодир дар ҳайати "Манчестер Сити" бо рақами 45 бозӣ мекунад. Қарордоди ҳамкорӣ то тобистони соли 2029 ба тасвиб расид.

***

Дар доираи бозиҳои даври аввали марҳилаи интихобии Ҷоми ФФТ дар соли 2025 дастаҳои "Истиқлол"-и шаҳри Душанбе ва "Ҳосилот"-и ноҳияи Фархор бозӣ карданд. Воҳўрии дастаҳо дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе доир шуда, бо ҳисоби 0:1 ба фоидаи "Ҳосилот" анҷом ёфт. Голро собиқ бозигари дастаи "Истиқлол" Паҳлавон Бахризода дар дақиқаи 80-ум ба самар расонд.

***

Нимҳимоятгари тими миллии Тоҷикистон Парвизҷон Умарбоев фаъолияти худро дар чемпионати Булғористон идома медиҳад. Умарбоев то охири мавсим ба ҳайси иҷора ба "Локомотив Пловдив" баргашт. Умарбоев ҳамчун футболбози озод аз дастаи «Локомотив Пловдив», ки аз соли 2016 инҷо бозӣ мекард, тобистони соли 2022 ба тими ЦСКА 1948 гузашта буд. Дар ҳайати Локомотив Пловдив" Умарбоев 176 бозӣ анҷом дода, 10 гол дар ҳисоб дорад. Дар ҳайати ЦСКА 1948 Умарбоев 63 бозӣ карда, 6 гол задааст.

***

Сармураббии нави дастаи "Регар-ТадАЗ"-и шаҳри Турсунзода мутахассиси маъруфи футболи тоҷик Тоҳир Муъминов таъйин шуд. Ӯ дар ин вазифа мураббии дигари шинохтаи тоҷик Зайниддин Раҳимовро иваз кард. Қарордоди ҳамкорӣ миёни ҷонибҳо барои як сол имзо гардида, дар сурати иҷро гардидани ҳадафҳо он ба таври худкор боз тамдид карда мешавад.




## ТУХМ

Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Мардак, ин мурғҳои ҳамсоя дигар ба ҳавлиямон наомада истодаанд ку?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Сабабашро донистан мехоҳӣ? Ман шабона дар даруни полезамон бист дона тухмро гузошта, саҳарӣ дар назди чашми ҳамсояҳо ҳамаашро ҷамъ кардам!

## ЭҲТИЁТ

Ронандаи таксӣ мошинро сахт ронда, ҳатто чароғаки сурхро мегузарад... Зани мусофире, ки дар дохили он менишаст, мегӯяд:

- Ронанда, мошинро боэҳтиёт ронед, ман дар хона хашт фарзанд дорам!

Ронанда бо ҳайрат мегӯяд:

- Шумо ба ман дар бораи эҳтиёт гап мезанед?

## АЛЛЕРГИЯ

Маризе назди табиб омада, мегӯяд:

- Духтур, худро хеле бад ҳис мекунам.

Духтур як дона мехчаро дода, мефармояд:

- Ана ин мехро фурӯ баред. Ягон чӣ ҳис мекунед?

Мариз баъди фурӯ бурдани мехча:

- Аҳволам бадтар шуд.

Табиб мегӯяд:

- Ҳамааш равшан шуд, шумо аз мехча аллергия доред!

## АЭРОДРОМ

Дар гардани муаллима занҷира ва дар он овезае дар шакли тайёрачаи хурд аст. Салмон тамоми дарс чашм аз овеза намеканад. Муаллима тоқат накарда, мепурсад:

- Салмон, ба фикрам тайёрача ба ту сахт писанд афтод-а?

Салмон мегӯяд:

- Не, аэродромаш!

## ЗАҲРИ СУСТТАЪСИР

Табиби ҷавоне дар дасти бемор финҷони қаҳваро дида, нидо мекунад:

- Шумо қаҳва менӯшед? Охир, қаҳва ба шумо мисли заҳр таъсир мерасонад!

Бемор дар ҷавоб:

- Эҳтимол чунин бошад, лекин заҳри бениҳоят сустаъсир будааст. Ман онро муддати шаст сол аст, ки менӯшам.

## АБЛАҲ

Ҳангоми имтиҳон профессор аз донишҷӯи бесавод мепурсад:

- Шумо медонед, ки имтиҳон чист?

- Имтиҳон - суҳбати ду нафари ботафаккур аст,- мегӯяд донишҷӯ.

- Агар яке аз онҳо аблаҳ бошад чӣ?,- мепурсад боз профессор.

Донишҷӯ оромона мегӯяд:

- Он гоҳ нафари дигар стипендия намегирад.

## ФОИДА

Беморе аз духтур мепурсад:

- Духтур, ҳамин гиёҳҳои табобатии навиштаатон ба ягон нафар фоида расонидаанд?

Табиб мегӯяд:

- Албатта! Ман ба наздикӣ барои писарам бӯстонсаро харидаму барои духтарам хона сохта истодаам...

Таҳияи
**Н. РАҶАБОВА**

## СИПОС БА КУМИТАИ ЗАБОН

Рӯзе, вақте Мундонӣ аз дараи Варзоб баргашт, завҷаш пурсид:

- Куҷо будед?

Гуфт:

- Варзоб.

- Бо кӣ?

- Бо муаллим.

- Кадом муаллим?

- Қосимзода.

Вақте саволи дигаре нашуд, Мундонӣ худ ба худ гуфт: "Мо мардҳо бояд аз Кумитаи забон сипосгузор бошем. Дигар на бо гуфтани касб ва на насаб занакҳо ҷинсияти ҳамсафарро намефаҳманд".

## ДУХТУРИ ЧАШМ

Мундонӣ ба духтури чашм муроҷиат карда, гуфт:

- Духтурҷон, чаро чашми ман баъзан ҳама чизро дутой нишон медиҳад?

Доктор бепарвоёна гуфт:

- Шукр кун, ки чашмат аз меъёр зиёд кор карда истодааст.

- Чӣ хел шукр кунам?,- бо тааҷҷуб пурсид Мундонӣ.

Гуфт:

- Ҳама чизро дутой мебинӣ, боз чӣ мефорадат? Баъзеҳо ҳамон якторо ҳам намебинанд.

## ШОЯД Ӯ ДАР ИН МАНСАБ БУД...

*(Аз нақли як дӯсти мансабдорам)*

Соле чанд бозор нарафта будам. Рӯзи истироҳат занак маҷбур кард, ки якҷоя бозор равем ва барои фарзандон либос харидорӣ кунем. Дар бозор ӯ бо марди аробакаше гарму ҷӯшон холпурсӣ карда, баъди рафтанаш гуфт:

- Ин мард ҳамсинфи ман аст. Замоне маро хостгорӣ карда буд, аммо ман ӯро нагирифтам.

- Занак, агар ту ӯро мегирифтӣ, имрӯз зани аробакаш будӣ-а?,-пурсидам бо киноя.

Бо ишва гуфт:

- Агар ман ӯро мегирифтам, имрӯз ӯ дар ин мансаб буд, на ту.

## МУАЛЛИФИ ЧОР КИТОБ

Дар кӯча бо устоди Донишгоҳи байналмилалии забонҳо Муҳаммад Насруллозода вохӯрдем. Устод маро ба рафиқашон муаррифӣ карда, гуфтанд:

- Ин кас нависанда. Муаллифи 4 китобанд.

Меҳмон бо хурсандӣ гуфт:

- Ман ҳанӯз дар вақти мактабхонӣ аз "Чоркитоб" (манзур "Чаҳоркитоб") таълим гирифта будам, вале ҳаргиз бовар надоштам, ки рӯзе бо нависандаи он рӯ ба рӯ мешавам.

- Чор китоби ин кас вақтҳои мактабхонии шумо ҳанӯз чоп нашуда буд,- гуфт бо табассум Муҳаммад Насруллозода.

## БЕ ҲАҚИ ҚАЛАМ

Аз нависандае пурсидам:

- Шумо умри бобаракати хешро чӣ гуна гузаронидед?

Бо табассум гуфт:

- Умри ман бо қоғазу қалам ва бе ҳақи қалам гузашт.

## ЗИНДАГИИ БЕҶОН

- Мегӯянд, ки вақте ҷон меравад, зиндагӣ ба охир мерасад, оё ин рост аст?,- пурсидам аз Мундонӣ.

Гуфт:

- Комилан дурӯғ. Бе ҷон ҳам зиндагӣ карда мешавад.

- Чӣ хел?,- бо тааҷҷуб боз суол кардам.

Гуфт:

- Фалонӣ арӯсашро "ҷон" мегуфт. Ҷонаш рафт, вале бе ҷон зиндагӣ дорад ку!

**Х.Ҷумъазода**

## Сканворд

